Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №157-158 (2984-2985) | ҶУМЪА, 28 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Хонаи кӯдакони бепарастори шаҳри Турсунзода



**Бисту шашуми декабри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Хонаи кӯдакони бепарастори шаҳри Турсунзода ташриф оварда, бо шароити зисту таълими онҳо бевосита шинос шуд.**

Тавре иттилоъ дода шуд, дар ин ҷо аз соли 1959 инҷониб мактаб-интернати шаҳри Турсунзода амал мекардааст. Соли 1993 қисмате аз он ба Хонаи кӯдакони бепарастор табдил дода шуда, ду бинои таълимиаш ба мактаби рақами 2 гузаштааст, вале Хонаи кӯдакони бепарастор солҳои охир аз нигоҳубини нокифоя ба ҳолати ногувор гирифтор шуда буд.

Аз ин хотир, дар пайравӣ ба сиёсати бунёдкорию созандагии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2012 роҳбарияти шаҳри Турсунзода якҷоя бо соҳибкорони саховатманди маҳаллӣ ба тармиму навсозии он пардохта, дар муддати кӯтоҳ аз нав ободу зебояш намуданд. Ҳамин тариқ, бо саъю кӯшиши дастаҷамъона ё худ тавассути шарикии босамари давлат ва бахши хусусӣ бинои асосии Хонаи кӯдакон, ки иборат аз 50 ҳуҷра мебошад, пурра тармиму навсозӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба сифати кори бинокорон баҳои хуб дода, бо тарбиятгирандагони Хонаи кӯдакон суҳбат намуд. Тавре аён гардид, тамоми ҳуҷраҳо бо асбобу анҷоми таълимӣ ва истироҳату фароғат, аз ҷумла мизу курсӣ, компютер, тахтаи синфӣ, рахти хоб, роҳаткурсиҳо, ҷевони либос, телевизор ва ғайра муҷаҳҳаз шудааст. Утоқҳои санитарӣ бо ҷойи шустушӯйи бадан ва ташноб низ дар дохил буда, бино тавассути шабакаи ягона ва мустақили гармидиҳӣ гарм карда мешавад.

Танҳо барои шабакаи гармидиҳӣ, ки технологияи олмонӣ аст, наздики 300 ҳазор сомонӣ сарф гардидааст. Ҳамагӣ дар навсозии бино беш аз 2 миллион сомонӣ маблағ харҷ шудааст.

Ҳамин тариқ, шабакаи обу корез низ навсозӣ шудааст, ки солҳои зиёд боз хизмат хоҳад кард.

Чуноне зикр гардид, дар Хонаи кӯдакони бепарастори шаҳри Турсунзода ба 173 нафар кӯдакони ятиму бепарастор ва аз оилаҳои камбизоат 31 нафар омӯзгорон таълиму тарбия медиҳанд. Панҷоҳу ҳафт нафари тарбиятгирандагон духтар ва 116 нафари дигарашон писар мебошанд. Ҳафт нафари онҳо ятимони бепадару модар, 57 кас бепадар, 19 нафар бе модар ва боқӣ аз оилаҳои камбизоат ё бемор ва волидони ҳабсшуда мебошанд.

Тарбиятгирандагони синни мактабӣ дар чор мактаби атрофи ин муассиса дарс хонда, дар хонаи умумиашон истиқомати доимӣ доранд. Ду нафар аз тарбиятгирифтагони Хонаи кӯдакони бепарастор, ки яке духтару дигарӣ писар аст, имрӯз дар омӯзишгоҳҳои касбомӯзӣ таҳсили илм мекунанд ва ҳамзамон дар ин ҷо кор карда, ба ёрони хурдсоли худ таълиму тарбия медиҳанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ин Хонаи кӯдакони бепарастор як зумра таҷҳизоти зарурии таълимӣ ва ашёи рӯзгор, аз қабили компютерҳо, телевизорҳо, мошинҳои ҷомашӯйӣ ва ба ҳар як тарбиятгиранда велосипед, дигар бозичаҳои кӯдакона ва ширинию хӯрокворӣ тақдим намуда, ҳамаи онҳоро бо арафаи Соли нави мелодии 2013 табрику таҳният гуфт.

Ба ҳар як тарбиятгирандаи Хонаи кӯдакони бепарастор, ҳамчунин як маҷмуии пурра либосҳои зимистонаи гарму шинам дастрас шуд, ки туҳфаи шахсии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар толори маҳфилоройии Хонаи кӯдакони бепарастор тарбиятгирандагони ин муассиса ҳунари шеъру сурудхонӣ ва рақсу дилхушии худро намоиш доданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо Хонаи кӯдакони бепарастор ва суҳбати бевосита бо омӯзгорону тарбиятгирандагони он ба масъулин барои боз ҳам ободу зебо ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани шароити он дастуру супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла дастур дода шуд, ки дар ҳудуди ҳамин муассиса, ки дар майдони се гектар ҷой гирифтааст, дар давоми ду сол барои 640 нафар хонанда мактаб-интернат барои хонандагони ятиму бепарастор бо тамоми шароити муосири таълимӣ ва будубоши шаборӯзӣ бунёд ёбад.



***www.president.tj***

## Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**27 декабри соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғози маҷлис масъалаи кадрҳо баррасӣ шуд. Зимни он ҳайатҳои нави мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Сипас, нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2013 тасдиқ шуда, ҳисоботи раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рафти татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо варзишгарони кишвар 20 декабри соли 2010 баён гардидаанд, шунида шуд.

Тавре зикр гардид, тибқи ин супоришҳо Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2011-2015 қабул гардида, маблағгузории соҳа ду баробар афзун гардид. Дар доираи татбиқи барномаи мазкур ва ҳамчунин бо ташаббуси вазорату идораҳои давлатӣ ва соҳибкорони фаъоли кишвар дар ҷумҳурӣ бо харҷи беш аз 242 миллион сомонӣ 2400 иншооти варзишӣ сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла 21 иншоот дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 318 иншоот дар вилояти Суғд, 557 адад дар вилояти Хатлон, 332- то дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 19 иншоот дар шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор гирифт. Танҳо бо маблағгузории Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ дар ҳашт шаҳру ноҳияи кишвар варзишгоҳҳои бузург дар ҳоли сохтмон қарор доранд, ки 5-тои он дар соли 2013 мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

Ин аст, ки дар солҳои 2011 ва 2012 варзишгарони тоҷик дар 131 мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ иштирок намуда, 641 медал, аз ҷумла 179 медали тилло, 188 нуқра ва 274 биринҷӣ ба даст оварданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини оммавияти васеи варзишу тарбияи ҷисмонӣ ва пурзӯр намудани тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар миёни аҳолӣ, бахусус ҷавонону наврасон, як қатор дастуру супоришҳои иловагӣ дод. Таъкид гардид, ки барои рушди тамоми намудҳои ба шароити Тоҷикистон мувофиқи варзиш, хусусан варзиши сабук, тамоми шароити зарурӣ муҳайё гардад ва ҷавонону наврасон ба ин кор ҳавасманд карда шаванд.

Номгуйи тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» тасдиқ гардид.

Масоили ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2013 ва Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Зимни баррасии рафти иҷрои Нақшаи генералии маркази ноҳияи Шаҳринав доир ба риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ва бо сифати баланд анҷом додани навсозии роҳи мошингарди Душанбе-Турсунзода супоришҳои мушаххас дода шуд.

Бо лоиҳаи қонунҳо ба як зумра санадҳои қонунгузории амалкунанда тағйиру иловаҳо пешниҳод гардид, ки дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд. Тағйиру иловаҳо, аз ҷумла ба қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба қонунҳо «Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ», «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Дар бораи ипотека» ва «Дар бораи милитсия» пешниҳод гардид.

Барномаи хариди электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Барномаи омодагии садамавӣ ва муҳофизати радиатсионӣ барои солҳои 2013-2017, Номгуйи молҳои зераксизии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, ки ба онҳо тамғаи аксизӣ гузошта мешавад ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ гардид.

Ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд барои тақсими қитъаҳои наздиҳавлигӣ ба оилаҳои ниёзманд аз шаҳри Истиқлол (собиқ Табошар) 10 гектар замин ҷудо карда шуд.

Ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон барои тақсими қитъаҳои наздиҳавлигӣ ба оилаҳои аз офати табиӣ зарардидаи деҳаи Пасариқи деҳоти ба номи Г.Гулмуродов 6,37 гектар замин ҷудо гардид.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба таъмини фаровонии маҳсулоти ниёзи ҳаррӯза дар фасли зимистон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар рӯзҳои истиқболи Соли нави мелодӣ ва омодагӣ ба ҷамъбасти натиҷаҳои соли 2012, мушаххассозии нақшаҳо барои соли 2013 ва ҳамчунин омодагӣ ба таҷлили солгарди 20-уми таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон супоришҳои мушаххас дод.

***www.president.tj***

### Барқияи ҳамдардӣ

27 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев барқияи ҳамдардӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла омадааст:

«Мухтарам Нурсултон Абишевич!

Хабари фоҷиавии садамаи ҳавопаймои низомиву нақлиётӣ, ки дар назди Шимкент рух дод ва боиси ҳалокати хизматчиёни ҳарбии Хадамоти сарҳадии Кумитаи амнияти миллии Қазоқистон гардид, маро сахт андӯҳгин намуд. Дар ин лаҳзаҳои пур аз ғаму андӯҳ мо ба дарди Шумо нисбати ин талафоти вазнин шарик ҳастем.

Хоҳишмандам ҳамдардии самимии моро ба аҳли оила ва хешу таборони шахсони ҳалокшуда изҳор намоед».

***www.president.tj***

**●Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 қабул шуд

**26 декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гашт.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷарогоҳ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба маълумот гирифтани ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳ. Ҳ. «Оид ба рафти иҷрои сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, рӯйхати вазифаҳо ва сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013».**

**РАИС:-** Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шуруъ менамоем. Дар бораи лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 сухан ба вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Шариф дода мешавад.

**Шариф РАҲИМЗОДА:- Муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров, муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Бо мақсади фароҳам овардани замина ҷиҳати рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар бо ташаббус ва дастгирии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 тарҳрезӣ гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони кишвар барои давраи дарозмуҳлат қабул гардид, ки дар он афзалиятҳои кишвар муайян гардидаанд. Ҷиҳати амалӣ намудани афзалиятҳо ва ҳадафҳои гузошташуда стратегияҳои миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 таҳия ва қабул гардиданд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо ҷумҳурӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.



Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи муҳими афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад ва дар ин раванд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» таҳия гашта, қабул гардидааст, ки он барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушд муайянгардида равона шудааст.

**(Идома дар саҳ. 3)**

**●Муҳокимаи парламентӣ**

## ДАР РАВАНДИ БУНЁД ВА ИСТИФОДАИ НЕРУГОҲҲОИ ХУРДИ БАРҚИ ОБӢ КАМБУДИҲО МАВҶУДАНД



**25 декабри соли ҷорӣ таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» дар самти татбиқи «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» дар Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК «Барқи Тоҷик» баргузор гардид.**

Дар муҳокимаи ошкорои парламентӣ роҳбарони вазорату идораҳои марбута ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд. Дар оғоз раисикунанда –муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев суханронӣ намуд.

**-Вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола зикр мегардад, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишварамон ин расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, самаранок истифода бурдани неруи барқ, кам кардани талафоти он ба ҳисоб меравад. Барои ноилшавӣ ба ин мақсад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 бунёд намудани 70 неругоҳи хурд ва то соли 2020 бошад, бунёди боз 50 неругоҳи хурди дигар, ҳамагӣ 120 неругоҳи барқи обии хурд ба нақша гирифта шудааст, ки дар ин замина бояд дар солҳои наздик эҳтиёҷоти мамлакат бо неруи барқи худӣ пурра таъмин гардад.

Ба шумо маълум аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳалли масъалаи бениҳоят муҳим, яъне аз бuҳрони энергетикӣ баровардани кишвар ва дар ниҳояти кор ба истиқлолияти энергетикӣ расидани Тоҷикистонро ба миён гузоштаанд, ки бе ҳалли он тараққиёти минбаъдаи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакатамон имконнопазир аст.

Бо ҳамин мақсад «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд.

**(Идома дар саҳ. 4)**

# АЗ НОМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОРИ

## СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**оид ба парванда аз рӯйи дархости шаҳрванд Раҷабов А. А. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати қисми 5 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 14 ва 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**шаҳри Душанбе** **20 декабри соли 2012**

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда - Раиси Суди конститутсионӣ **Маҳмудов М.А.**, судя-котиб Каримов К.М., судяҳо: **Абдуллоев А.А., Абдуллоев Л.И., Гулзорова М.М.** ва **Зоиров Ш.**,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ **Фирдавсова Г.**,

тарафҳо:

**Раҷабов Абдуназар Абдуғафорович** бо намояндаи ваколатдори худ адвокат Раҳимов Ориф Пирович - тарафе, ки дар асоси дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда шудааст;

**Илолов М.И.**- намояндаи ваколатдори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ, **Шоназаров С.А.**- намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон - намояндагони ваколатдори тарафе, ки конститутсионӣ будани қонуни ҷонибдорикарда ва ба имзо расонидаи онҳо мавриди баҳс қарор дода шудааст;

Даъватшудагон:

**Исҳоқов А.Н.**- муовини аввали Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Мирсаев Ҳ.С.**- муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Гулматшоев Р.К.**- муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Холова С.Ҳ.**- раиси Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Бадриддинова Р.**- Сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Тавуров А.Ғ.**- муовини сардори Раёсати тафтишоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар асоси моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14 ва 37 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мурофиаи ошкорои судӣ парвандаро аз рӯи дархости шаҳрванд Раҷабов А.А. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати қисми 5 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 14 ва 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, гузориши судяи Суди конститутсионӣ Абдуллоев Л.И., баёноту хулосаи тарафҳо ва баромади даъватшудагонро шунида, маводи парванда ва дигар ҳуҷҷатҳои воридшударо таҳқиқ намуда,

**муайян кард:**

Шаҳрванд Раҷабов А. бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, дар он нишон медиҳад, ки 19 марти соли 2005 миёни мототсикли ӯ - тамғаи ИЖ Юпитер-4 рақами давлатиаш 97 87 СБЗ ва автомашинаи тамғаи ВАЗ 21213 рақами давлатиаш АЕ 5702 РТ 01, ки таҳти идораи шаҳрванд Бобоназаров А. қарор дошт, садамаи нақлиётӣ рӯй дод.

Оид ба ин садама аз тарафи шуъбаи тафтишотии ШКД-и шаҳри Турсунзода баъди гузаронидани ҳаракатҳои санҷишии дахлдор, якчанд маротиба қарор дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ қабул карда шудааст.

Ӯ аз қарорҳои дар солҳои 2007-2010 дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ, алалхусус аз қарори 31 декабри соли 2010 дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ баровардаи шуъбаи тафтишотии ШКД-и шаҳри Турсунзода норизо гардида, 10 январи соли 2011 оид ба бекор намудани қарори номбаршуда ба прокуратураи шаҳри Турсунзода бо аризаи шикоятӣ муроҷиат намудааст.

Баъдан муроҷиаткунанда қайд менамояд, ки бинобар аз тарафи прокурор қонеъ нагаштан ва дар давоми 1,5 моҳ баррасӣ нагардидани шикояташ, ӯ бо дастрасии талаботи моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Суди шаҳри Турсунзода муроҷиат карда, аз суд хоҳиш намудааст, ки қарори шуъбаи тафтишотӣ аз 31 декабри соли 2010 бекор карда шавад.

Суди шаҳри Турсунзода шикоят ва маводи ба он замимашударо ҳаматарафа баррасӣ намуда, бо қарори худ аз 20 апрели соли 2011 қарори шуъбаи тафтишотии ШКД-и шаҳри Турсунзода аз 31 декабри соли 2010-ро дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ асоснок ҳисоб намуда, аз болои қарори баровардаи худ манъ будани шикоят ё эътирозро ба ӯ фаҳмондааст.

Ба андешаи муроҷиаткунанда, муқаррароти қисми 5 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он: «Ба қарори судя, ки мутобиқи талаботи қоидаҳои ҳамин модда бароварда шудааст, шикоят ё эътироз оварда намешавад», кафолати ҳифзи судӣ ва ҳуқуқҳои конститутсионии ӯро барои овардани шикоят аз болои қарори суд маҳдуд намуда, садди роҳи баррасии парвандаи ӯ дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ гардидааст.

Аз ин рӯ, ӯ аз Суди конститутсионӣ талаб менамояд, ки оид ба дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда, мутобиқати қисми 5 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 14 ва 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Суди конститутсионӣ масъалаи мавриди баҳс қарордодаи Раҷабовро ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки адолати судӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи фаъолияти суд оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёфта, ба амал баровардани он аз низоми муътадили ҳокимияти судӣ вобастагии амиқ дорад ва бо ин хусусият дар таркиби салоҳияти ҳокимияти судӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Бо ин назардошт, дастрасӣ ба адолати судӣ яке аз муҳимтарин дастоварди афкори сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии тамаддуни инсонӣ ба ҳисоб рафта, неъмати асосиест, ки онро бояд давлат барои шаҳрвандони худ таъмин намояд. Ҳамчунин дастрасӣ ба адолати судӣ омили асосии кафолати ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва дар як вақт яке аз шартҳои зарурии ҳифзи ҳуқуқии шахсият буда, хусусияти он аз пешниҳод намудани ҳуқуқҳои васеи конститутсионӣ ба шахс ва мавҷудияти воситаҳои муҳими ҳифзи ҳуқуқии онҳо иборат мебошад, ки сарчашмаи онро санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Чунонки моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 пешбинӣ менамояд: «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад».

Тибқи моддаи 14 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966: «Ҳамаи шахсон дар назди судҳо ва трибуналҳо баробаранд. Ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи шаҳрвандӣ, ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳақ дорад».

Қисми 5 моддаи 14 Паймони мазкур бошад эълон медорад, ки: «Ҳар касе, ки барои ягон ҷиноят маҳкум шудааст, ба он ҳақ дорад, ки маҳкумият ва ҳукмномаи ӯ аз тарафи маҷраи суди болоӣ аз нав баррасӣ карда шавад».

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла кафолати ҳифзи судӣ бетафовут набуда, дар моддаи 14 пешбинӣ менамояд, ки: «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд».

Тибқи моддаи 19 Конститутсия бошад: «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд».

Ҳифзи судии пешбининамудаи моддаи 84 Конститутсия, ки тибқи он: «Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд», нисбати муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ низ татбиқ мегардад, ки тартиби татбиқи онҳоро қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Мувофиқи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо аз ҷониби суд ба амал бароварда шуда, ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад ва ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Вобаста ба ин, Суди конститутсионӣ қайд менамояд, ки фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноят ва судҳо, ки ба салоҳияти онҳо пешбурди таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва судӣ вогузор карда шудааст, аз саҳву хатоҳо истисно нест ва вобаста ба ин шикоят намудан ва эътироз овардани санадҳои судӣ ба марҳилаҳои болоии судӣ, ки онҳо маҳз барои ислоҳи камбудиҳои дар фаъолияти марҳилаҳои пешинаи судӣ вуҷуддошта ташкил карда мешаванд, аз муҳимтарин принсипҳои демократии мурофиаи судии ҷиноятӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин кафолати ҳифзи судӣ - ин дастрасии субъектони ҳуқуқ ё тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба адолати судӣ тавассути ба онҳо дастрас будани тамоми марҳилаҳои судии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавӣ ва тартиби муроҷиат ба онҳоро дар назар дорад ва ҳама марҳилаҳои судии тавассути қонунгузорӣ ташкилшуда дар доираи салоҳиятҳои ба онҳо додашуда суди босалоҳият, мустақил ва беғараз мебошанд.

Бинобар ин, ҳама гуна тартибе, ки ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои мурофиавии онҳо маҳдуд карда, монеаи ҳифзи боэътимоди ҳуқуқҳои зикршудаи онҳо мегардад, он ҳамчун маҳдуд кардани кафолати ҳифзи судии муқаррарнамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, Конститутсия ва қонунгузории мурофиавии он ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки марҳилаҳои кассатсиониву назоратӣ бо табиат ва таъиноти ҳуқуқии худ танҳо дар ҳолати маҳдуд кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва мавҷуд будани хатоҳо дар марҳилаҳои аввали судӣ, ки ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаро ҷиддан вайрон кардаанд, мавриди амал қарор мегиранд. Ин марҳилаҳо, ҳамчун кафолати иловагии санҷиши қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судӣ дар ҳолате имконпазир мегарданд, ки агар то ба қувваи қонунӣ даромадани санадҳои судӣ ҳамаи имкониятҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавӣ аз тарафи шахсони манфиатдор ва мақомоти судӣ пешбинӣ нашуда, хатоҳои марҳилаҳои пешинаи судӣ бартараф нагардида бошанд.

Ба андешаи муроҷиаткунанда Раҷабов А. ҳангоми санҷиши садамаи нақлиётии бо ӯ рӯйдода аз тарафи мақомоти тафтишот, прокуратура ва суди марҳилаи аввал ҳолатҳои садама ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди санҷиш қарор нагирифтаанд. Чораҳое, ки қонун барои холисона ҳал гаштани мавод пешбинӣ намудааст, риоя нашудаанд, ки бартараф намудани ҳолати зикршуда дахолати марҳилаҳои болоии судӣ ва шикоят аз болои қарори суди марҳилаи аввалро тақозо дорад.

Суди конститутсионӣ, инчунин таъкид менамояд, ки дар рафти тафтиши ҷиноят масъалаҳои мурофиавие пеш меоянд, ки онҳо метавонанд минбаъд мавриди муҳокимаи судӣ қарор гирифта, ҳаллу фасли ниҳоии худро ёбанд, ки дар чунин ҳолат зарурати аз ҷониби суд назорат намудани онҳо вуҷуд надорад. Вале масъалаҳое ҳастанд, ки мустақиман ҳал намудани онҳо ва аз назорати судӣ дур мондани онҳо метавонад ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ ва манфиатҳои қонунии шахсро поймол намоянд, ки аз тарафи мақомоти дахлдор рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз зумраи чунин масъалаҳо мебошад.

Бо ин назардошт, Суди конститутсионӣ муқаррароти қисми 5 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки тибқи он ба қарори судя дар бораи қонеъ намудани шикоят, бекор кардани қарор, бенатиҷа гузоштани шикоят ё қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, ки мутобиқи талаботи қоидаҳои ҳамин модда бароварда шудааст, шикоят ё эътироз оварда намешавад, ба моддаҳои 14 ва 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон номутобиқ арзёбӣ менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 124 Кодекси зикршударо ба муқаррароти моддаҳои 14 ва 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар моддаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намоянд.

Дар асоси ҳолатҳои зикршуда ва бо дастрасии моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 31, 32, 33, 36, 45, 46, 47, 50 ва 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қарор кард:**

1. Қисми 5 моддаи 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он ба қарори судя дар бораи қонеъ намудани шикоят, бекор кардани қарор, бенатиҷа гузоштани шикоят ё қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, ки мутобиқи талаботи қоидаҳои ҳамин модда бароварда шудааст, шикоят ё эътироз оварда намешавад, ба моддаҳои 14 ва 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат надорад.

2. Қарор қатъӣ буда, аз рӯйи он шикоят овардан мумкин нест ва аз рӯзи қабулаш қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

3. Қарори мазкур дар Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета» ва Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

**Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Маҳмудов**

**Судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **К. Каримов**

# Клуби мубоҳисавии занон - қадами устувор барои оянда

**Бисту якуми декабри соли равон дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, намояндагони кумита ва дигар идораву вазоратҳои ҷумҳурӣ ҷаласаи навбатии КМЗ (Клуби мубоҳисавии занон) баргузор гардид.**





Суратгир А. ИСОЕВ

Роҳбари Клуби мубоҳисавии занон Раъно Охунова ҷамъомадро бо сухани муқаддимавӣ оғоз намуд. Баъд муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғафорова суханронӣ намуда, аз ҷумла, таъкид кард, ки дар таъмини иштироки воқеии занон дар сиёсат, ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлатӣ махсусан Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» нақши муҳим бозид. Ин санади муҳим ҳамчун роҳнамо барои таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Дар бораи Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон барои солҳои 2001-2010», «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занон ва духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», «Дар бораи стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015 маҳсуб меёбад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки соли 2012 шумораи умумии занони дар мансабҳои гуногуни хизмати давлатӣ фаъолиятдошта, ба 4586 нафар расидааст. Дар баробари ин имрӯз ҷиҳати беҳтар амалӣ гаштани сиёсати пешгирифтаи давлат дар масъалаҳои баробарии гендерӣ, донишандӯзию касбомӯзии занону духтарон, ҳалли мушкилот, пешгирии ҳодисаҳои номатлуб байни занону духтарон, ҷудошавии оилаҳо иштироки бештару фаъолонаи мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо менамояд. Маҳз бо ҳамин ният пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Зан- интихобкунанда» ҷиҳати доир намудани ҷаласаҳои Клуби мубоҳисавии занон бо иштироки бештару фаъолонаи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аз тарафи вакилонзанон хуб пазируфта шуд. Ҳамчунин зарурати қабули қонунҳои нав ё такмили қонунҳо, аз ҷумла дар бораи пешгирӣ ва ҳифз аз зӯроварӣ дар оила, танзими баъзе масъалаҳои оиладорӣ, таълими духтарон, ҳифзи саломатии занон таъкид гардид. Чанде пеш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Дар бисёр ҳолатҳо, аз ҷумла дар бахши тандурустӣ занон бо мушкилоти зиёд дучор меоянд. Занони камбизоат дар хона таваллуд мекунанд, зеро дар муассисаҳои тиббӣ аз онҳо маблағи зиёд талаб мекунанд. Зимни вохӯрӣ бо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ чунин шикоятҳо аз ҷониби занон бештар буд, гуфт дар идомаи суҳбат Назира Ғафорова. Бинобар набудани маблағи зарурӣ шумораи таваллуд дар хона, мутаносибан ҳолатҳои фавти модару кӯдакон, зиёд шуда истодааст. Намояндагони вазорату идораҳои дахлдорро даъват бар он мекунем, ки пешниҳодҳои зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, баҳри ҳалли мушкилоти занону духтарон ва бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта, тадбирҳои мушаххас андешанд, гуфт Назира Ғафорова.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бибидавлат Авзалшоева баргузории чунин чорабиниро судманд ҳисобида, таклиф намуд, ки он дар минтақаҳои дурдаст, аз ҷумла ВМКБ низ бо ҷалби бештари занону духтарон гузаронида шавад. Муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Мубинова, сардори раёсати иттиҳодияҳои динии Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳҷон Завқиев ва дигарон ҷиҳати боз ҳам беҳтар гаштани фаъолияти Клуби мубоҳисавии занон таклифу пешниҳодҳои судманд иброз намуданд.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»***

# Мулоқот бо намояндагони «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон»

**27 декабри соли 2012 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова бо намояндагони «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон» мулоқот намуд.**

Тибқи иттилои Хадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагон, дар ҷараёни мулоқот бештар ба масъалаҳои марбут ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷавонони кишвар ва густариши ҳамкорӣ байни «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон» бо кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир шуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон дар оғози суҳбат дар бораи фаъолияти кумита маълумоти муфассал дода, изҳор дошт, ки аъзои кумита ва дар маҷмӯъ ҳамаи вакилони Маҷлиси намояндагон ҳамеша бо ҷавонони мамлакат дар иртибот ва ҳамкории зич қарор доранд.

- Аъзои кумитаи мо, ки баррасӣ ва масъалаҳои марбут ба кору зиндагии ҷавонон низ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо ба шумор меравад, дар ҳамаи гӯшаву канори мамлакат, бахусус дар шаҳри Душанбе, бо ҷавонон пайваста мулоқоту вохӯриҳо доир менамоянд, то ба муваффақияту мушкилоти онҳо аз наздик ошно шаванд,- гуфт Марҳабо Ҷабборова.

Раиси кумита таъсиси «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон»-ро, ки бо ташаббус ва ибтикори як идда ҷавонони фаъоли мамлакат роҳандозӣ шудааст, қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ дониста, изҳор дошт, ки умед дорем ин ниҳод дар самти баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ, маърифати ҳуқуқии ҷавонон нақши арзанда хоҳад дошт.

Муовини аввали раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кабир Ҷӯраев, ки намояндагони «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон»-ро ҳамроҳӣ мекард, мақсади таъсиси парлумони мазкурро, дар баробари баланд бардоштани дониши ҳуқуқии ҷавонон, тарғибу ташвиқи ифтихори ватандорӣ, арзишҳои миллӣ, ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастӣ, ҳамчунин мусоидат дар ҳалли мушкилоти ҷавонон унвон кард.

Зикр гардид, ки истифода аз таҷрибаи вакилони Маҷлиси намояндагон дар фаъолияти намояндагии «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон» аз мақсадҳои дигари ин ниҳоди марбут ба ҷавонон мебошад.

Дар мулоқот вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Махфират Хидирова, Нурулло Оқилов, Маҳмадраҳим Каримов, Меъроҷиддин Ҳакимов, Лутфулло Саидмуродов ва Абдураҳмон Хонов иштирок ва зимни суханрониҳояшон ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон» изҳори омодагӣ карданд.

Намояндагони «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон» ҳамчунин аз китобхона ва осорхонаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан карданд.

***Хадамоти матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**●Тоҷикистон- узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо**

# ЗАМИНАГУЗОР БА РИВОҶИ ФАЪОЛИЯТ

***Соҳибкорони мамлакат дохилшавии кишварамонро ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо самараи сиёсати хирадмандонаву бунёдкоронаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ карда, азм доранд, ки аз имконияти мусоид баҳри таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёт самаранок истифода намоянд.***

Дохилшавии кишвар ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳим ва фараҳбахши соли ҷорӣ аст, миёни тамоми қишрҳои ҷомеа мавриди пазиройии самимӣ ва гарму ҷӯшон қарор гирифт. Шомилшавӣ ба ин созмони мӯътабар пеш аз ҳама барои соҳибкорон муҳиму саривақтӣ буда, имкон фароҳам меорад, ки доираи фаъолияти онҳо боз ҳам густурда гардад. Директори генералии ҶДММ « Шаҳриёр-2000» Хайрулло Рустамов зимни суҳбат бо мо ин рӯйдодро аз лиҳози моҳият барои тамоми бахшҳои ҷомеа хеле муҳиму саривақтӣ ва ифтитоҳбахши марҳилаи нави рушди бахши соҳибкорӣ дар мамлакат маънидод намуд.

-Мо, соҳибкорон, аз ин иқдом рӯҳу илҳом гирифта, тамоми кӯшишро ба харҷ хоҳем дод, ки дар рушди иқтисоди миллӣ беш аз пеш саҳмгузор бошем. Тибқи маълумоти мавҷуда, айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 100 мамлакати ҷаҳон робитаи тиҷоратӣ дорад. Дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо имкон фароҳам овард, ки минбаъд чунин равобит бо 157 давлати узви он роҳандозӣ гардад. Вале, -афсӯс ҳамсуҳбатам,- ҳамкориҳои тиҷоратие, ки то ин замон бо мамолики хориҷӣ ҷорӣ буд, аз муносиботе, ки минбаъд дар доираи талаботи созмони фавқуззикр ҷорӣ мешавад, куллӣ фарқ доранд, зеро аз ин пас чунин ҳамкориҳо аз лиҳозу моҳият ва ҳадаф сатҳу сифати навро касб хоҳанд намуд. Ин омилҳо пеш аз ҳама аз талабот ва муқаррароти созмони зикршуда, ки аксарашон барои кишваре чун Тоҷикистон моҳияти имтиёзиро таҷассум менамояд, сурат хоҳанд гирифт.Табиист, ки дар сурати самаранок ва сари вақт истифода намудани имконоти ин созмон бахши соҳибкории мамлакат рушд хоҳад кард. Ҳамагон шоҳид ҳастем, ки ин бахши муҳими ҷомеа мавриди таваҷҷуҳ ва дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирифтаву Президенти ҷумҳурӣ Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон соҳибкоронро «хазинаи тиллоии кишвар» номидаанд. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки маҳз ҳамин дастгириҳо замина фароҳам оварданд, ки соҳибкорӣ дар мамлакат рушду тавсеа ёбад.

Ба андешаи Хайрулло Рустамов, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо бори дигар собит намуд, ки дорои иродаи қавии сиёсии гузариш ба иқтисоди бозориест, ки он ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамаҷониба ҳамоҳангу созгор мебошад. Омили муҳиме, ки шомилшавии кишвари моро ба ин созмони бонуфуз дар муддати нисбатан кӯтоҳ имконпазир гардонид,ислоҳоте маҳсуб меёбад, ки бо мусоидати Котиботи созмони фавқуззикр баҳри фароҳам намудани фазои мукаммал ва ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ амалӣ гардид. Чунин тарзи кор шароит фароҳам овард, ки ҷумҳурӣ дилпурона ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва низоми тиҷоратии глобалӣ ворид гардад. Муҳимтар аз ҳама, ин иқдом баҳри вусъати тиҷорати дохиливу хориҷӣ фазои озод ва шаффоф фароҳам меорад.

Дар раванди суҳбат маълум гардид, ки ҶДММ «Шаҳриёр-2000» ба воридоти маҳсулоти доруворӣ машғул буда, онро асосан аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ворид менамояд.

-Хурсандиовар аст, ки мамлакатҳои зикршуда аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошанд ва маҳз ҳамин омил моро ба марҳилаи нави ҳамкорӣ дар доираи муқаррароти он дилпур менамояд,- афзуд Хайрулло Рустамов, -зеро ҳамкорони хориҷӣ пеш аз шуруъ намудани робитаҳои тиҷоратӣ бо соҳибкорони дилхоҳ давлати олам дар навбати аввал ба мамлакатҳое, ки вориди СУС мебошанд, афзалияти бештар медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки дурнамои ҳамкориҳои соҳибкорони мо бо соҳибкорони кишварҳои зикршуда нек аст ва ба ин раванд дохилшавии ҷумҳуриамон ба созмони фавқуззикр такони ҷиддӣ хоҳад гашт. Аз ҷониби дигар, шомил шудани давлати мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо вуруди сармояи хориҷиро ба мамлакат вусъат мебахшад. Агар то ин замон сармоягузорони хориҷӣ барои роҳандозии фаъолияташон дар ҷумҳурии мо аз нақз гаштани ҳуқуқҳояшон аз ҷониби шарикон ва баъзе сохторҳо андеша мекарданд, пас бо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмон ин дудилагиҳо батамом рафъ хоҳад шуд, зеро ворид гардидан ба ин созмон, дар баробари дигар омилҳо, кафолат медиҳад, ки дар сурати бояду шояд ҳал нагардидани баҳсҳо дар ҷумҳурӣ баррасии ниҳойии онҳо дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо сурат хоҳад гирифт.

Тибқи суханони Хайрулло Рустамов, давоми соли равон аз ҷониби ширкат ба маблағи зиёда аз 1357193 сомонӣ маводи доруворӣ ворид шудааст. Барои таъмини аҳолии мамлакат бо маводи доруворӣ баландсифат аз ҷониби ширкат 34 дорухона ташкил шудааст, ки аз ҷониби кормандони онҳо ба мизоҷон дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯйи талабот хизмат расонида мешавад. Ҷиҳати ҷолиби фаъолияти ширкати мазкур дар он зоҳир мегардад, ки он хизматрасониро асосан дар манотиқи дурдасти малакат роҳандозӣ намудааст. Масалан, бо ибтикори масъулини ширкат дар ноҳияҳои Фархор, Абдураҳмони Ҷомӣ, Қубодиён, Шаҳритус, Хуросон, Ҳисор ва шаҳрҳои Қӯрғонтеппаву Ваҳдат дорухонаҳое, ки дар онҳо хизматрасонӣ дар сатҳу сифати баланд ба роҳ монда шудааст, мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин иқдом агар аз як тараф барои бо ҷойи кор таъмин гардидани як идда ҳамватанони мо мусоидат намояд, аз ҷониби дигар ба ғановати буҷети давлат боис мегардад.

Ҳамсуҳбати мо аз сатҳу сифати ҳамкориҳояшон бо Хадамоти давлатии назорати фаъолияти фармасевтӣ изҳори қаноатмандӣ намуда,аз ҷониби кормандони ин ниҳод бояду шояд иҷро гардидани ваколатҳояшонро баҳри таъмини бозори дохилӣ бо маводи дорувории баландсифат аз омилҳои мусоидаткунандаи ривоҷи фаъолият арзёбӣ намуд. Раванди умури назорат аз ҷониби сардори хадамоти мазкур, номзади илмҳои фармасевтӣ Баҳодур Холназаров хеле қатъӣ ва дақиқ роҳандозӣ шуда, ин омил соҳибкоронро водор менамояд, ки бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ фаъолияти хешро пеш баранд. Дар баробари он ки корҳои назоратӣ дар дохили мамлакат дар сатҳу сифати ҷавобгӯйи талабот ҷараён дорад, ҳамчунин мутахассисони хадамот мунтазам аз корхонаҳои истеҳсоли маводи доруворӣ дар хориҷ аз кишвар дидан намуда, бо раванди истеҳсоли доруворӣ аз наздик шинос мешаванд.

-Дар маҷмӯъ, мо, соҳибкорони мамлакат, дохилшавии кишварамонро ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо самараи сиёсати бунёдкоронаву хирдмандонаи Президенти ҷумҳурӣ Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ намуда, аз имкони мусоид барои ривоҷи фаъолиятамон самаранок истифода хоҳем намуд,- гуфт дар анҷоми суҳбат Хайрулло Рустамов.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

(Идома аз саҳ. 1)

# Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 қабул шуд

Дар Стратегияи мазкур самтҳои фароҳам овардани шароити умумии рушд, бо назардошти ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва таҳкими равандҳои инкишофи иқтисоди миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар заминаи рушди бахши хусусӣ ва ҷалби инвеститсияҳо, рушди неруи инсонӣ ва афзоиши ҳиссаи аҳолии дорои сатҳи зиндагии миёна ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа дар маҷмуъ беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар тадбирҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

**Муҳтарам вакилони халқ!**

Мехостам ба таври мухтасар шуморо бо сохтори «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» шинос намоям.

Стратегияи мазкур аз панҷ боби асосӣ ва 18 бахш иборат буда, 106 индикатор ва 328 тадбирро дар бар мегирад, ки дар онҳо оид ба масъалаҳои такмили идораи давлатӣ, рушди макроиқтисодӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, таъмини рушди неруи инсонӣ, ҳамзамон вобаста ба дастовардҳо ва сабақҳои андӯхта ва раванди татбиқи стратегияи навбатӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Аз ҷумла дар боби якум оид ба дастовардҳо ва сабақҳои андӯхтаи стратегияҳои қаблӣ сухан рафта, маълумотҳо дар бораи тамоюли коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ, мушкилоти ҷойдошта дар рафти татбиқи стратегия, инчунин ҳадафҳо ва самтҳои асосии стратегияи навбатӣ барои солҳои 2013-2015 муайян шудаанд.

Боби дуввум (бахши функсионалӣ) дар сохтори стратегия ҷиҳати таъмини ҳадафҳои стратегӣ, аз қабили такмили идоракунии давлатӣ, таъмини рушди макроиқтисодӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, мусоидат ба рушди бахши хусусӣ, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҳамгиройӣ дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо нақши калидӣ дорад.

Боби сеюм (бахши фаъолияти иқтисодӣ) дар доираи ҳадафҳои стратегии давлат таҳия гардида, ба масъалаҳои рушди соҳаҳои саноату энергетика, нақлиёту алоқа ва таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар бахшида шудааст. Тадбиру амалиётҳои дар ин бахш пешниҳодшуда барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо ва бевосита ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва рушди табақаи миёна мусоидат менамоянд.

Дар боби чоруми (бахши иҷтимоӣ) стратегияи навбатӣ дар ҳошияи таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, илму маориф, беҳдошти саломатии аҳолӣ, суботи экологӣ ва масъалаҳои гендерӣ маҷмуи чорабиниҳое муайян шудаанд, ки барои татбиқи кафолатҳои конститутсионии шаҳрвандони ҷумҳурӣ равона гардидаанд.

Тавассути татбиқи ин чорабиниҳо имкон пайдо мешавад, ки масъалаҳои бахши иҷтимоӣ ҳалли воқеии худро пайдо намоянд.

Боби панҷум- боби хотимавӣ буда, идоракунии раванди татбиқи стратегияи мазкурро бо роҳи муайян намудани манбаъҳои маблағгузорӣ, мониторинг ва арзёбии стратегия дар давраи татбиқи он, инчунин қадамҳои ояндаро ҷиҳати таҳияи стратегияи дарозмуҳлати навбатии рушд пас аз соли 2015 инъикос менамояд.

**Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Бояд зикр намоям, ки Стратегияи навбатӣ моҳиятан ҳуҷҷати нав буда, ба он як қатор навовариҳо ҳангоми таҳия ворид карда шудааст. Пеш аз ҳама гузариши мантиқӣ аз ҳадафгузории паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян шудааст.

Дар навбати худ мафҳумҳои рушди табақаи миёнаи аҳолӣ, истифодаи усулҳои муосири моделикунонии иқтисодиёт ва дигар масъалаҳое, ки дар стратегияҳои қаблӣ диққати кам дода шуда буданд, ба таври муфассал муаррифӣ шудаанд.

Ҳамзамон масъалаи мониторинг ва арзёбии иҷрои Стратегия имкон медиҳад, ки ҳамасола тадбирҳои он, бо назардошти омилҳои объективӣ, мутобиқ гардонида шаванд ва дар баррасии иҷрои он воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намоянд.

Зикр кардан лозим аст, ки дар шароити ноустувори рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва тағйирпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ рушди иқтисоди кишвар дар давраи миёнамуҳлат бештар аз ҳисоби омилҳои дохилӣ, ҳамчунин тадриҷан даст кашидан аз модели ашёвии иқтисод ва рӯ овардан ба иқтисоде, ки ба истеҳсоли маҳсулот, коркарди ниҳоии он ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст, таъмин хоҳад гардид. Барои ҳалли вазифаҳои зикргардида татбиқи барномаҳои қабулгардидаи рушди саноати сабук, афзоиши ҳаҷми коркарди алюминий ва пахта дар дохили кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ, диверсификатсия ва рушди иқтидорҳои содиротӣ мусоидат менамояд.

**Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин навбат Стратегияи мазкур мақсад дорад, то беҳтару амиқтар вазъи иҷтимоӣ- иқтисодии кишварро арзёбӣ намояд ва тадбирҳои мақсаднок ва амиқтарро баҳри ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ дар назар дошта бошад.

Ҳангоми таҳияи Стратегия таҳлилҳои алоҳида гузаронида ва зимни гузаронидани онҳо усулҳои моделсозӣ истифода шудаанд, ки дар қисмати таҳлили макроиқтисодӣ натиҷаҳои он дарҷ гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар Стратегия сенарияҳои гуногуни рушди макроиқтисодӣ пешбинӣ шудаанд.

Сенарияи асосӣ дар заминаи арзёбии тамоюли мусбидоштаи доимӣ ва амалӣ гардидани тадбирҳои банақшагирифташуда дар доираи Стратегия таҳия гардидааст. Сенарияи мазкур тадриҷан бартараф гардидани зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, нигоҳ доштани тамоюли мавҷудаи мусбӣ дар рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, эҳёи раванди ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, таъмини устувории қурби пули миллӣ, рушди даромади воқеии пулии аҳолӣ, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши интиқоли маблағҳо, афзоиши муътадили сатҳи таваррумро пешбинӣ менамояд. Тибқи он сатҳи камбизоатӣ то 31,5 фоиз дар соли 2015 коҳиш хоҳад ёфт.

Аз рӯйи сенарияи асосии Стратегия, дар сурати рушди ҳамасолаи ММД-и ҷумҳурӣ дар сатҳи 7,4- 7,5 фоиз, коҳиши таваррум то 7 фоиз, бекорӣ дар сатҳи 2,3- 2,4 фоиз ва афзоиши интиқоли маблағҳо дар сатҳи 25 фоиз то соли 2015 будан, чунин нишондиҳандаҳо пешбинӣ мешаванд:

1.Сатҳи камбизоатӣ то 31,5 фоиз коҳиш меёбад

2.Сатҳи осебпазир то 23,9 фоиз коҳиш меёбад

3.Сатҳи табақаи миёна (миллӣ) то 15,3 фоиз афзоиш меёбад

4.Сатҳи табақаи миёна (байналмилалӣ) то 29,4 фоиз меафзояд.

Бояд зикр намуд, ки эҳтиёҷоти умумии молиявии ҳуҷҷати мазкур аз рӯйи тадбирҳои матритсаи амалиёт 18,7 млрд. сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар бахши функсионалӣ -0,7 млрд. сомонӣ, бахши иқтисодӣ -17,1 млрд. сомонӣ ва бахши иҷтимоӣ -0,9 млрд. сомонӣ. Аз ҳаҷми умумии 18,7 млрд. сомонӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,0 млрд. сомониро ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин, таъминоти молиявии Стратегияи навбатӣ айни замон дар ҳудуди 75 фоиз аст. Агар муқоиса кунем, тадбирҳои Стратегияи амалкунандаи солҳои 2010-2012 ҳангоми қабул аз ҷиҳати маблағ танҳо дар ҳудуди 35 фоиз таъмин буд.

Бо назардошти муҳимияти масъалаи баррасишаванда ва дар рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар нақши сазовор доштани қабули стратегияи мазкур, аз вакилони халқ эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015-ро ҷонибдорӣ намоянд.

**РАИС:-**Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Талбаков Исмоил Иброҳимович дода мешавад.

**Исмоил ТАЛБАКОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқ ба моддаи 57 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст, ки қисми таркибии онро масъалаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2012 таҳти № 718, тибқи талаботи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодиии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади дар амал татбиқ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015-ро маъқул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2012 таҳти №1582 лоиҳаи Стратегияи мазкурро ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ фиристода буд.





Лоиҳаи Стратегияи мазкур вобаста ба Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллии кишвар барои таъмини истиқлолияти энергетикиву амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, мусоидат намудан ба рушди бахши воқеии иқтисоди миллӣ, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҳар як сохтору мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад, таҳия шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи ҳамкориҳои судманди байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои марбута, стратегияҳои миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатии марҳилаҳои аввал барои солҳои 2007-2009 ва дуюм барои солҳои 2010—2012 дар амал татбиқ шуда истодаанд.

Таҳия ва қабули барномаҳои банақшагирӣ дар сатҳи маҳал аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нисфи ноҳияву шаҳрҳо ва вилоятҳо ба ин раванд таъсири мусбат расонид ва идома додани он дар оянда ба мақсад мувофиқ мебошад.

Пазируфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзогии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо маҳз аз иҷрои муваффақонаи он далолат мекунад.

Лоиҳаи пешниҳодшудаи Стратегияи мазкур марҳилаи нави рушди иқтисоди мамлакатро таҷассум менамояд, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 бахшида шудааст ва он ҷамъбасти даҳсолаи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд. Масъалаҳои таъмини ҳадафҳои стратегӣ, ба монанди ислоҳоти идоракунии давлатӣ, волоияти қонун, пешгӯйӣ ва банақшагирии демографӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди бахши хусусӣ ва дастгирии табақаи миёнаи кишвар муҳтавои асосии лоиҳаи Стратегияи пешниҳодшуда мебошад.

Хусусияти хоси фарққунандаи лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, пеш аз ҳама, аз он иборат мебошад, ки он бо назардошти натиҷаҳои татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 ва сабақҳои андӯхта дар ҷараёни татбиқи он таҳия ва тасдиқ шудааст.

Таҳкими заминаҳои рушд бо мақсади такмили идоракунии давлатӣ, рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ривоҷ додани бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ, таҳкими ҳамгиройӣ ва воридшавӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди сайёҳӣ ва ташкили тиҷорати наздисарҳадӣ самтҳои асосие мебошанд, ки дар оянда барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум асоси воқеӣ мегузоранд.

Масъалаҳои марбути идоракунии давлатӣ оид ба мақсаду вазифаҳои барномавӣ дар сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, ташкили «ҳукумати электронӣ» ва пешгирии коррупсия, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, таъмини сатҳи баланди касбӣ, пурзӯр намудани неруи мақомоти идоракунии шаҳрак ва деҳот, таъмини шаффофияти кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта самтҳои асосии Стратегия пешбинишударо барои такмили идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад.

Такмил додани системаи танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар системаи судӣ ва иҷрои онҳо низ боиси таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд.

Рушди соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёту алоқа, кишоварзӣ, обтаъминкунию истифодаи замин низ дар ин ҳуҷҷати муҳим ҷойи марказиро ишғол намудааст, ки ба таҳкими рушди устувори иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Роҳҳои ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, рушди маориф ва илм, тандурустӣ ва беҳбудии саломатии аҳолӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, экологию тендерӣ ва такмили пешгӯйӣ ва банақшагирии демографӣ дар Стратегия низ таври мушаххас муайян шудаанд.

Боиси тазаккур аст, ки дар оянда роҳҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон аз лиҳози илмию иқтисодӣ мушаххас ва манбаъҳою низоми маблағгузорӣ, мониторинг ва арзёбии онҳо дар Стратегияи мазкур асоснок шудааст.

Нишондиҳандаҳои дурнамои асосии соҳаҳои иқтисодиёт истеҳсоли неруи барқ 20,4 млрд.кВт- соат, ғалладона 1,2 млн. тонна, пахта 416,6 ҳазор тонна, гӯшт 164,0 ҳазор тонна, шир 776, 0 тонна, картошка зиёда аз 1,1 млн. тонна, сабзавот 1,4 млн. тонна, мева 315,0 ҳазор тонна, ангур 315,3 ҳазор тонна ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои солҳои гузашта хеле зиёд мебошанд.

Умуман, лоиҳаи пешниҳодшудаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015 барномаи миёнамуҳлати сесола ба ҳисоб меравад ва татбиқи самтҳои стратегиву афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварро дар бар мегирад.

Кумитаҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015-ро дар ҷаласаҳои худ баррасӣ карда, зикр намуданд, ки дар ин ҳуҷҷати барномавӣ бисёре аз нуктаҳои гузоришҳои вакилон оид ба таклифу дархостҳои интихобкунандагон, ки зимни вохӯриҳо дар ҳавзаҳои интихоботӣ баён шуда, барои чораҷӯйӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида буданд, дарҷ ёфтааст.

Аз ин хотир, кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимияти масъаларо дар роҳи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон дарк намуда, лоиҳаи Стратегияи пешниҳодшударо барои солҳои 2013- 2015 дастгирӣ карданд. Шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст.

Стратегияи мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои амалкунанда мухолифат надошта, ҷавобгӯйи меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки баррасии лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар рӯзҳои аввали воридшавии кишвари мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қарор дорад. Дар амал татбиқшавии муваффақонаи онҳо аз ҳамдигар вобаста аст. Ин ҳолатро вакилон ба назари эътибор гирифта, зимни баррасӣ дар маҷлиси кумитаи масъул зикр намуданд, ки механизми амалисозии Стратегияи мазкур дар таҳия ва қабули Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ нишон дода шавад. Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров низ таъкид карда шуд, ки иштироки фаъолонаи ҳамаи мақомоти дахлдор дар таҳия, тасдиқ ва иҷрои барномаҳои рушди иқтисодии ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо таъмин карда шавад.

Кумитаи масъул, бо назардошти пешниҳодҳои зикршуда, дар мувофиқа ба муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Амиршо Миралиев пешниҳод менамояд, ки:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушдро мутобиқ ба Стратегияи мазкур дар вилоятҳо шаҳрҳо ва ноҳияҳо зери назорат қарор дода, иҷрои онро талаб намояд.

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015-ро нашр намояд ва дастрасии онро ба мақомоти дахлдор таъмин намояд, то ки онро ҳамчун маводи корӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

3. Мавриди баррасии муҳокимаҳои парламентӣ қарор додани рафти иҷрои Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2015 метавонад дар таъмини муваффақонаи он асоси боэътимод гузорад.

4. Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти қонунэҷодкунии худ дар вохӯриҳо бо интихобкунандагон метавонанд аз Стратегияи мазкур истифода намоянд ва дар таҳияи барномаҳои рушд иштирок намоянд, ки он дар иҷрои ин ҳуҷҷати муҳим нақши асосӣ мебозад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи Стратегияи мазкурро барои баррасӣ ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, аз шумо, вакилони арҷманд, хоҳиш менамояд, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Исматуллоев Дилшод Абдуғаффорович дода мешавад.

**Дилшод ИСМАТУЛЛОЕВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта давлати ҷавони мо дучори мушкилиҳои ҷиддии иқтисодиву иҷтимоӣ гардида буд. Тундгаройиҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва муноқишаҳои гурӯҳҳои гуногуни манфиатҷӯ пояҳои давлатдориро суст намуда, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд, ки дар натиҷа ба иқтисодиёти кишвар зиёда аз 10 млрд. доллари амрикоӣ зарар ворид шуд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар давраи аввали барқароркунии иқтисодиёт, яъне солҳои 1992-1997 ҳамаи саъю кӯшиши роҳбарияти кишвар ба бунёди сулҳи пойдор, ваҳдати миллӣ, ҳимояи ягонагии миллату марзи давлат ва суботи сиёсӣ равона шуда буд.

Ба мушкилиҳои ҷойдошта нигоҳ накарда, дар ҳамин давра роҳбарияти мамлакат барои барқарор кардани механизмҳои иқтисоди бозорӣ ва ҷорӣ намудани муносибатҳои нави хоҷагидорӣ заминаҳои аввалинро гузошта, барои рушди ояндаи кишвар шароити мусоид фароҳам овард.

Дар натиҷа, таъсири буҳрони иқтисодӣ боздошта шуд. Дар давраи дуюми рушд, яъне солҳои 1997-1999 иқтисодиёти кишвар рӯ ба афзоиш ниҳод. Рушди ҷомеа ва талаботи замон гузаронидани ислоҳоти ҷиддиро тақозо мекард.

Ҳанӯз аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди паст кардани сатҳи камбизоатиро яке аз вазифаҳои асосии худ шуморид. Соли 2000 Тоҷикистон Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳидро имзо намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои Рушди ҳазорсола тадбирҳои мушаххасу пайдарҳамро амалӣ намуд.



Соли 2005 бо ташаббуси Президенти мамлакат таҳияи барномаи дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодӣ – «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015» шуруъ гардид. Барномаи мазкур соли 2007 таҳия шуда, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 қабул шуд.

Стратегияи миллии рушд ҳамчун ҳуҷҷати асосии стратегӣ афзалият ва самтҳои умумии сиёсати давлатиро муайян менамояд, ки ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Барои дар амал татбиқ намудани афзалиятҳои дар Стратегияи миллии рушд омада Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар се сол барномаҳои миёнамуҳлати иҷрои онро таҳия ва қабул менамояд.

Чунончӣ, дар натиҷаи амалӣ намудани «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009» сатҳи камбизоатӣ аз 53,5 фоиз дар соли 2007 ба 46,7 фоиз дар соли 2009 коҳиш ёфт.

Инчунин «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» таҳия гардида, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2010 қабул гардидааст, ки алҳол мавриди амал қарор дорад.

Ба баррасии мо «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015», ки дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015» таҳия шудааст, пешниҳод гардидааст.

Самтҳои асосии он таҳкими рушди се бахши асосӣ- бахши функсионалӣ, бахши иқтисодӣ ва бахши иҷтимоиро дар бар мегирад.

Бахши функсионалӣ таҳкими заминаҳои умумии рушдро дар раванди таъмини ислоҳоти идоракунии давлатӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, ташкили низоми меъёрии ҳуқуқии зарурӣ барои мубориза бар зидди коррупсия, афзоиши устувори Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ, такмили сиёсати пулию қарзӣ, беҳбуди низоми савдои хориҷӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатиро дар бар мегирад.

Бахши иқтисодӣ таҳкими рушди устувори соҳаҳои энергетика, саноат, инфрасохтор, беҳтар намудани дастрасии минтақавӣ ва роҳҳои транзитӣ ҷиҳати таъмини рушди савдо, таъмини самаранокии соҳаи энергетика тавассути ислоҳоти институтсионалӣ, маъмурӣ, идоракунӣ ва техникӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаҳои кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи заминро дар бар мегирад.

Бахши иҷтимоӣ ба рушди неруи инсонӣ равона гардида, самтҳои таҳкими соҳаҳои маориф ва илм, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, дастрасии баробарии ҳамагон, хусусан ба таҳсил фаро гирифтани духтарон ва омӯзиши баландсифат, соҳаи тандурустӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳбудии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии коммуналӣ, санитарӣ, таъмини суботи экологӣ, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҷомеаро дар бар мегирад.

Бо татбиқи самтҳои зикргардида раванди таъмини некуаҳволии мардуми кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, ташаккули табақаи миёнаи аҳолӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин хоҳад гардид, зеро афзоиши устувори табақаи миёна дар мамлакат ин кафолат ва тасдиқи суботи иқтисодию иҷтимоӣ, идоракунии самаранок, пешбурди самтҳои муосири ислоҳот ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва стратегии кишвар мебошад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафу афзалиятҳо, иҷрои вазифаҳо ва таъмини нишондиҳандаҳое, ки дар Стратегияи мазкур муайян гардиданд, заминаи ҳуқуқӣ ва захираҳои муайяни молиявӣ заруранд.

Маблағгузории Стратегия аз буҷети давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои дахлдор якҷоя бо шарикони рушд, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳои дутарафа ба Тоҷикистон фароҳам оварда мешаванд, сурат мегирад.

Ҷиҳати таъмини арзёбии мустақил, шаффофият, самтгирӣ ба натиҷаҳои «Стратегияи баланд бардоштани некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» мониторинг ва арзёбии он бояд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

Лоиҳаи «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» аз ҷиҳати илмӣ хуб таҳия шуда, хеле фарогир мебошад.

Хуб мешуд, ки матни он нашр шуда, ҳамчун дастур ба роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии сатҳҳои гуногун, вазорату идораҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тақсим мешуд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015»-ро дастгирӣ намуда, ба ҷонибдории он овоз диҳед.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Муҳлати иҷрои Стратегияи мазкур то соли 2015 муайян карда шудааст. Бо тасдиқ шудани лоиҳаи Стратегияи мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ гаштани он баробари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мо, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъул мебошем.



Барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, пеш аз ҳама, истеҳсолотро пеш бурдан лозим аст.

Давлатҳое ҳастанд, ки сатҳи истеҳсолотро махфӣ нигоҳ медоранд. Аммо аз рӯйи якчанд нишондиҳанда самти тараққиёти ин ё он давлатро муайян кардан мумкин аст.

Аввал, истеҳсоли неруи барқ, дуюм масрафи семент дар тамоми иншооти сохтмонӣ, баъдан, прокати оҳан, алюминий, мис ва ғайра.

Мо бо кадом тарзе, ки нишон надиҳем, давлатҳои хориҷа метавонанд дар бораи тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот пайдо намоянд.

Дар солҳои навадуми асри гузашта истеҳсоли неруи барқ 20 млрд. кВт буд. Муддати 22 сол меъёри он қариб тағйир наёфтааст. Ҳол он ки тавлиди неруи барқ босуръат пеш равад. Инро аз нав дидан лозим.

Барои истеҳсоли як миллион тонна картошка 300 ҳазор гектар лозим меояд. Барои коркард бошад, боз чандин ҳазор техника, нуриҳои минералии табиӣ ва ғайра лозим аст.

Оё ин ҳамаҷониба таҳлил шудааст? Нашавад, ки баъди ду сол бозорҳои ҷумҳуриро картошкаи Покистон пур кунад. Ба ҳамин монанд истеҳсоли гӯшту шир, ки он бозори истеъмолии моро таъмин карда тавонад.

Буҳрони иқтисодӣ ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар дохили ҷумҳурӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, чунин омилҳо ҳангоми татбиқи ин стратегия бояд ба эътибор гирифта шаванд.

**Рустам ЛАТИПОВ:** - Бисёр ҳам воқеист, ки дар Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои



солҳои 2013-2015 дар бахши иҷтимоӣ масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, таҳкими иқтидорҳои институтсионалӣ дар бахши муҳити зист бо мақсади таъмини устувори экологӣ, идоракунии самарабахши захираҳои табиӣ, ҳифз, нигоҳдорӣ ва идоракунии захираҳои биологӣ ва системаҳои экологӣ ҳамчун самтҳои асосии таъмини рушди неруи инсонӣ нишон дода шудаанд. Сиёсати имрӯзаи экологии кишвар пурра ҷавобгӯйи талаботи замон ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ҳошияи ин истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҳалли масъалаҳои муҳити зист ва таъмини суботи экологӣ дар Стратегия заминаи муҳими паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини рушди устувор дониста шудаанд. Мушкилоти ҷойдоштаи экологии Тоҷикистон дар Стратегияи мазкур пурра фаро гирифта шудааст:

- эрозияи замин, ифлосшавӣ, шӯршавӣ, баланд гаштани сатҳи обҳои зеризаминӣ, кам гаштани масоҳати ҷангалҳо;

- риоя нагардидани меъёри истифода, ҳифзу баркарорсозии заминҳо сабаби аз байн рафтани баъзе қитъаҳо ҳамчун чарогоҳ шуда метавонанд.

Мушкилоти дигар захираҳои биологист. Бенизом ҷамъ овардани растаниҳои доруворӣ, фишори зиёди антропогенӣ ба экосистемаҳои нодири кӯҳӣ, ки танҳо дар Тоҷикистон мерӯянд, ба шиддат ёфтани равандҳои бебозгашти биёбоншавӣ оварда мерасонад.

Мушкилоти умдаи дигареро низ зикр кардан мумкин аст, ки дар ин ҳуҷҷати ниҳоят муҳим дарҷ ёфтаанд:

- ифлосшавии захираҳои об ва масъалаҳои ифодакунии онҳо. Ифлосшавии ҳаво дар шаҳрҳои калон, пеш аз ҳама, аз воситаҳои нақлиёт, ки шумораашон, хусусан воситаҳои нақлиёти кӯҳна, афзуда истодааст, вобаста аст. Дар панҷ соли охир дар шаҳри Душанбе шумораи автомобилҳо 125 фоиз афзудааст, ки 80 фоизи онҳо нақлиёт мебошанд, ки муҳлати истифодаашон хеле зиёд аст. То ба ҳол дар ҷумҳурӣ, дар ягон шаҳр коркарди партовҳо ва идоракунии онҳо мувофиқ ба талаботи стандартӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар бисёр корхонаҳо, маҳаллаҳои аҳолинишин масъалаҳои беҳтар гардонидани партовгоҳҳо, ҳолати нигоҳдорӣ ва коркарди онҳо ба талабот ҷавобгӯ нест.

Бинобар ин, дар Стратегия самтҳои асосии афзалиятнок, вазифаю тадбирҳо барои солҳои 2013-2015 бисёр хуб фарогир шудаанд. Танҳо, чӣ тавре ки зикр гардид, масъулияти иҷрои онҳо аз тарафи мақомоти марбута баланд бардошта шаванд.

Дар маҷмуъ, Стратегияи мазкур ҳуҷҷати мукаммал буда, фарогири ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад. Татбиқи он ба ноил шудан ба мақсади асосӣ -таъмини зиндагии шоистаи мардум мусоидат хоҳад намуд.

*Доир ба тасдиқи Стратегияи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёратшо Саъдулло дода мешавад.

**Зиёратшо САЪДУЛЛО:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони Маҷлиси намояндагон, ҳозирини гиромӣ!**

Ба қарни нав инсоният ба ояндаи ниҳоят ҳассоси таърих- марҳилаи пуршиддат ва тезутундшавии масоили озуқаворӣ ворид гардид. Мувофиқи ҳисоботи оморӣ аз 4629,4 ҳазор гектар заминҳои кишоварзии мамлакат зиёда аз 3600 ҳазор гектари онро заминҳои чарогоҳ ташкил медиҳанд ва 80 фоиз ҳаҷми истеҳсоли солонаи хӯроки чорво одатан аз ин заминҳо таъмин карда мешавад.

(Идома дар саҳ. 4)

# Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 қабул шуд

(Идома аз саҳ. 1,3)

Мутаассифона, алҳол коэффитсиенти истифодабарии захираҳои чарогоҳ дар иқтисодиёти мамлакат хеле паст аст. Чунин ҳолат боиси истифодаи бесамари ин захираи пурқимат гардидааст. Тибқи тадқиқотҳои гузаронидашуда ва хулосаи идораи дахлдор қариб 70 фоизи заминҳои чарогоҳи ҷумҳурӣ дар ҳолати ғайриистеҳсолӣ қарор доранд. Сабабҳои асосӣ, пеш аз ҳама, истифодабарии бенизоми заминҳои чарогоҳ, паҳншавии ҳашароти зараррасон, аз истифода баромадани иншооти обрасонӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Ҳамагон огоҳии комил доранд, ки чорводории чарогоҳӣ ҳамеша дар кишвари мо маъмулан амал мекард. Ҷиҳати истифодаи оқилонаи манбаъҳои хӯрокиҳои табиӣ ба хоҷагиҳои чорводории вилояту ноҳияҳо берун аз ҳудуди онҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чарогоҳҳои мавсимӣ вобаста гардида буданд. Бо мақсади интиқоли чорво ба чарогоҳҳои мавсимӣ 58,9 ҳазор гектар замин барои роҳҳои чорвогузар ва дамгирию обдиҳии чорво рост меомад. Мутаассифона, ҳоло қариб аксари инфрасохтори ин соҳа аз таъсири офатҳои табиӣ ва бемасъулиятӣ аз фаъолият бозмондаанд. Дар маҳалҳо бошад, ин заминҳоро ғайриқонунӣ барои парвариши зироат ва ё бунёди мағозаю нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ тақсим кардаанд. Чунин муносибат кори деҳқонон, бахусус чорводоронро, душвор гардонид.

Лозим ба зикр аст, ки ҷиҳати муҳайё намудани шароит барои таъмини баробарҳуқуқии хоҷагидорӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, ба мақсади зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ, якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки муносибатҳои сифатан нави истифодабарии замин ва фаъолияти хоҷагидориро танзим менамоянд.

Мутаассифона, мавҷуд набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзим ва истифодаи оқилонаи заминҳои чарогоҳ дар оянда ҳифзи ин захираи бебаҳои табииро зери хатар мегузорад. Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст: «Ҳанӯз ҳам дар бисёр соҳаҳо мо ба қонунҳои нав ва такмили қонунгузорӣ ниёз дорем». Барои амалӣ намудани ин вазифаи гузоштаи Сарвари давлат ва таъмини рушди устувори соҳаи чорводорӣ, пешгирии таназзули чарогоҳ, ташаккулдиҳии сохти идоракунии он ва иҷрои дархости интихобкунандагон аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Ватанов, У.Давлатов, А. Қаракулов, С.Зиёратшо, Н.Маҳмудов, М.Ҳақдодов, А.Фелалиев ва шодравон Х.Ҳакимова лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» таҳия ва пешниҳоди шумо, вакилони арҷманд, гардид.



Лоиҳаи қонуни мазкур дар ҳаҷми панҷ боб ва сӣ модда таҳия гардида, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба идоракунӣ ва истифодабарии чарогоҳ танзим менамояд.

Боби якуми лоиҳаи қонун муқаррароти умумиро дар бар гирифта, дар он моддаҳо оид ба мафҳумҳои асосӣ, принсипҳои истифодабарии ҳуқуқҳои моликият ва муқаррар намудани ҳудудҳои чарогоҳ, тартиби истифодабарӣ ва намудҳои чарогоҳ баён гардидааст.

Дар боби дуюми лоиҳаи қонун салоҳияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба идоракунӣ ва истифодабарии чарогоҳ муайян карда шудааст.

Боби сеюми лоиҳаи қонуни мазкур ҳуқуқи истифодабарии чарогоҳ, вобаста кардан ва ба иҷора додани замини чарогоҳро танзим менамояд. Тибқи моддаи 16 бо мақсади истифодабарии чарогоҳ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба мутобиқати чарогоҳ дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдори шаҳр ва ноҳия комиссия ташкил дода мешавад, ки ба ҳайати он намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мутахассисони мақомоти маҳаллии заминсозӣ ва намояндагони чарогоҳистифодабарандагон дохил мешавад.

Комиссияи мазкур нақшаи миёнамуҳлат ва солонаи истифодабарии чарогоҳро, бо дарназардошти пешниҳоди ҷамъияти чарогоҳистифодабарандагон барои панҷ сол ва соли ҷорӣ таҳия намуда, барои тасдиқ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд.

Мувофиқи моддаи 22-юми лоиҳаи қонун пардохти маблағро барои истифодабарии чарогоҳ, ки пардохти андози замин ва маблағи иҷора аз ҷониби комиссияи истифодабарии чарогоҳ барои ҳар намуди чарогоҳ ва шакли истифодабарӣ, бо назардошти меъёрҳои ғунҷоиши чарогоҳ, саршумор ва намуди чорво ва на камтар аз меъёри заминавии андози замин муайян мегардад, барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдори шаҳр ва ноҳия пешниҳод менамояд. Мутобиқи моддаи 23-юми лоиҳаи қонун бошад, маблағи аз иҷораи чарогоҳ ҷамъовардашуда барои беҳтар кардани вазъи чарогоҳ ва дигар мақсадҳои дар нақшаи миёнамуҳлат ва солонаи истифодабарии чарогоҳ пешбинишуда равона мегардад.

Боби чоруми лоиҳаи қонун танзими давлатии чарогоҳ, истифодабарии он ва боби панҷум муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад.

Субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар ҳамбастагӣ бо мутахассисон ва масъулини соҳа ҳашт маротиба ҷаласа доир намуда, бо дарназардошти фикру мулоҳизаи онҳо ва бевосита чарогоҳистифодабарандагон, инчунин бо истифода аз таҷрибаи қонунгузории кишварҳои дигар лоиҳаи қонуни мазкурро такмил доданд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиши онро дорам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:-** Аз рӯйи ин масъала сухан ба вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимов Қосим Раҳбарович дода мешавад.

**Қосим ҚОСИМОВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Қобили зикр аст, ки мутобиқи фармоиши Вазорати кишоварзӣ аз 5 декабри соли 2011 таҳти №229 барои ҳамкорӣ дар таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур гурӯҳи кории вазорат таъсис дода шуда буд. Дар ин давра гурӯҳи корӣ бо вакилон ҳамкории судманд намуданд.

Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба идоракунӣ ва истифодабарии чарогоҳҳо мебошад.

Лоиҳаи қонун аз 5 боб ва 30 модда иборат аст. Аз ҷумла дар он салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар танзими муносибатҳо оид ба чарогоҳ, танзими давлатӣ ва истифодабарии чарогоҳҳо возеҳ нишон дода шудааст.

Ҳамзамон дар лоиҳаи қонун принсипҳои истифодабарӣ, ҳуқуқи моликият ба чарогоҳ, фонди давлатии чарогоҳҳо ва истифодабарии он, таъсиси комиссияи танзими истифодабарии чарогоҳ ва ташкили ҷамъияти чарогоҳистифодабарандагон, ҳуқуқи истифодабарӣ, вобаста кардан ва ба иҷора додани замини чарогоҳ дарҷ гардидааст.

Дар миқёси ҷумҳурӣ зиёда аз 3 миллиону 806 ҳазору 245 гектар чарогоҳҳо, аз ҷумла 2 миллиону 31 ҳазору 283 гектар чарогоҳҳои тобистона, 698 ҳазору 997 гектар зимистона, 675 ҳазору 908 гектар баҳорию тирамоҳӣ ва 400 ҳазору 57 гектар ҳамафасла мавҷуд аст. Инчунин дар миқёси ҷумҳурӣ 56 ҳазору 79 гектар роҳҳои чорвогузар, аз ҷумла 17404 гектар дар вилояти Хатлон, 5818 гектар дар вилояти Суғд, 7525 гектар дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 25332 гектар дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вуҷуд дорад.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои идоракунӣ ва истифодабарии чарогоҳҳо ва дар маҷмуъ ба рушди соҳаи чорводорӣ заминаи мусоид фароҳам месозад.

Аз ин лиҳоз, муҳтарам вакилон, дастгирии шуморо оид ба лоиҳаи қонуни мазкур эҳтиромона хоҳишмандам.

**РАИС:-**Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Ҳақдодов Маҳмадшариф Маҳмудович дода мешавад.

**Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Ватанов, У.Давлатов, А.Қаракулов, М.Ҳақдодов, Н.Маҳмудов, А. Фелалиев, З. Саъдулло ва шодравон Х.Ҳакимова таҳия гардидааст, пешниҳод карда мешавад.



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ бо роҳи таъмин намудани заминаи ҳуқуқӣ барои истифодаи самараноки чарогоҳ ва мутобиқ сохтани он ба қонунгузории амалкунанда таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи намудҳои чарогоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад ва дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои дастрасӣ ба чарогоҳ, ҳуқуқу уҳдадориҳои чарогоҳистифодабарандагон, идоракунӣ ва назорати давлатӣ, таъмини истифодабарии самаранок ва комплексии чарогоҳ нишон дода шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2012 таҳти №1264 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

Кумитаи масъул 10 декабри соли 2012 дар ҷаласаи худ ва 11 декабри соли 2012 дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонуни мазкурро, тибқи расмиёти муқаррargardида, баррасӣ намуданд. Аз тарафи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 117 таклифу пешниҳод оид ба лоиҳаи қонуни мазкур ворид гашт. Кумитаи масъул дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз таклифу пешниҳодҳои воридгашта 101-тои онро қобили қабул ва 16-тои онро қобили қабул надонист.

Бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воридгардида лоиҳаи қонун такмил дода, ба он тағйирот ворид карда шуд. Аз ҷумла моддаҳои 6 ва 18 бо ҳам якҷоя карда, моддаҳои 16 ва 10 ба моддаи 25 табдил дода шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур баъд аз баррасӣ дар Шӯрои Маҷлиси намояндагон, бо назардошти эродҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров таҳрир ва такмил дода шуд.

Ҳамин тариқ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» аз 5 боб ва 30 модда иборат буда, бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳолифат надорад ва мавриди амал қарор додани он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Бо назардошти ин нукот ва хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун яклухт қабул гардид. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

Масъалаи навбатии рӯзнома –«Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба маълумот гирифтани ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ.Расулов «Оид ба рафти иҷрои сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» баррасӣ гардид.

Вобаста ба ин масъала роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳамрохон Ҳасанович гузориш дод.

*Дар робита ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

Ҳамзамон вакилон масъалаи охирини рӯзнома- «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, рӯйхати вазифаҳо ва сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» –ро мавриди муҳокима қарор доданд. Аз рӯйи ин масъала раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Имомов Азизмат Холматович баромад кард.

*Вобаста ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатиро ҷамъбаст намуда, ҳамагонро бо фарорасии Соли нави мелодии 2013 табрик намуда, барояшон саломатӣ ва дар корҳояшон муваффақиятҳо орзу намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир А.ИСОЕВ***

# ДАР РАВАНДИ БУНЁД ВА ИСТИФОДАИ НЕРУГОҲҲОИ ХУРДИ БАРҚИ ОБӢ КАМБУДИҲО МАВҶУДАНД

(Идома аз саҳ. 2)

Дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Парламенти ҷумҳурӣ низ дар таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ саҳм гузошт. Аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия», «Дар бораи ангишт» ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ далели ин гуфтаҳоянд. Айни ҳол, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самаранокӣ ва сарфаҷӯии энергия», «Дар бораи нафту газ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳаи афзалиятноки сиёсати иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол идома дорад.

Аз таҳлили ҷараёни татбиқи барнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мазкур бармеояд, ки Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК «Барқи Тоҷик» корҳои муайянеро дар ин самт анҷом додаанд.

Дар баробари ин, аз рӯйи таҳлилҳо маълум гардид, ки дар соҳа мушкилоти зиёди ҳалношуда низ вуҷуд доранд.

Бо назардошти муҳим будани масъала Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия доир намудани муҳокимаи парламентиро «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» дар самти татбиқи барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» дар Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» мувофиқи мақсад шуморида, ҷиҳати баррасӣ онро ба Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии мавзуи мазкурро сариваҚтӣ ҳисобида, онро ба муҳокимаи парламентӣ пешниҳод кард ва дар ин робита қарори дахлдор содир намуд.

Бояд зикр намоям, ки мақсади асосии ҷаласаи имрӯза, дар баробари муайян кардани дастовардҳои мақомоти масъули соҳа, ошкор кардани камбудию норасоиҳо ва омилҳои манфие маҳсуб меёбад, ки садди пешрафти соҳаи мазкур гардидаанд.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳоло сухан барои гузориш ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Шодӣ Шабдолов дода мешавад.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ: - Вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Мавзуи муҳокимаи парламентии мо ба мақсади тезонидани раванди раҳойӣ ёфтан аз бӯҳрони энергетикӣ ва ноил гаштан ба истиқлолияти пурраи энергетикии кишвар равона гардидааст. Дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату мақомоти дахлдор ва Парламенти ҷумҳурӣ корҳои назаррас амалӣ шуда истодаанд. Гузориши камина фаъолияти Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия ва дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагонро оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика, бахусус дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» дар бар мегирад.

Қобили тазаккур мешуморам, ки масъалаи мазкур аз аввали кор таҳлили ҷиддии вазъи соҳаи энергетикаи кишварро тақозо намуд, бинобар ин мутобиқи нақшаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо, вакилон - М.З.Раҳимов, Г.Рабиева ва камина давоми солҳои 2009-2011 дар доираи Ассотсиатсияи энергетикҳои Тоҷикистон ҳамроҳ бо мутахассисони соҳаи энергетика, олимони Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ мутобиқи барномаи «EGI», ки дар кишварҳои пешрафтаи дунё самаранок истифода шудааст, «Тарҳи стратегии идоракунии муносиби бахши неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намудем. Таҳлилҳо нишон доданд, ки барои дохил шудан ба бозори энергетикии минтақа мо то ҳоло омода нестем, лекин самтҳои муҳими дастёбӣ ба ин мақсад мутобиқи ин санад муайян гардид, аз ҷумла:

1. Дар Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи ошкорбаёнӣ дар ҷараёни таҳия ва ташхиси лоиҳаҳои соҳаи мазкур дохил гардид, ки мутобиқи он мо фаъолият менамоем.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» қабул шуданд, тағйироту иловаҳои зарурӣ барои дастгирии соҳаи энергетика дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» ворид шуданд, ки ба рушди ин соҳа такони мусбӣ хоҳанд бахшид. Ҳамаи ин тағйироту иловаҳо дар фазои ошкорбаёнӣ ва ҳамкории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони Вазорати энергетика ва саноат, ШСХК «Барқи Тоҷик» ва олимони шинохта сурат гирифтанд.

3. Барои ҳалли мушкилоти норасойии барқ дар давраҳои хушксолӣ ва дар замони сармои сахт ба мо лозим аст, ки дар ду-се соли наздик тавозуни неругоҳҳои обӣ ва аловиро тағйир диҳем. Бояд неругоҳҳои аловӣ бо истифода аз захираҳои бисёр бузурги ангишт ва газу нафти дохили кишвар сохта шаванд. Ба ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»-ро қабул карда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафту газ»-ро барои баррасӣ ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудем ва умедворем, ки дар нимаи аввали соли 2013 ин қонун қабул хоҳад шуд. Аз тарафи гурӯҳи корӣ баъди таҳлилу ташхиси мутахассисон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» ба баррасии кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Лоиҳаи ин қонун масъалаи дастгирии давлатии молиявии неругоҳҳои хурди барқи обӣ ва манбаъҳои дигари энергияи барқароршавандаро бо таъсис додани фонди махсус дар бар мегирад. Ин омил имконият хоҳад дод, ки нархи баланди барқ аз неругоҳҳои хурд бо истифода аз фонди мазкур ҷуброн шавад. Ба сохтмони неругоҳҳои хурд маблағҳои аҳолӣ ва сармояи хориҷӣ ҷалб хоҳанд шуд.

4. Дар моҳҳои май-июни соли оянда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба реструктуризатсияи соҳаи энергетика шуруъ менамояд. Ин масъалаи содда нест ва он тақозо менамояд, ки қонуни мукаммал дар бораи энергетика қабул гардад. Лоиҳаи ин қонунро як сол пеш ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда будем, лекин аз сабаби набудани мавқеи муштарак оид ба танзими нархгузорӣ дар соҳаи энергетика лоиҳаи пешниҳодшуда дастгирӣ наёфт.

5. Зарур мешуморам, ки якчанд масъалаҳои муҳимро дар соҳаи энергетика дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баррасӣ кунем:

а) теъдоди зиёди неругоҳҳои барқи обии хурд дар минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ аз ҷониби шаҳрвандон сохта шудаанд, ки аксарияти онҳо ба стандартҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ва қоидаҳои таъмини бехатарии истифодаи онҳо ҷавобгӯ нестанд, лекин онҳо дар маҷроҳои муҳими дарёю дарёчаҳо ҷойгир шудаанд. Мо пешниҳод менамоем, ки мутахассисони Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳамаи ин неругоҳҳоро санҷида бароянд;

б) Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дохил гашт, лекин дар ин бозор молҳои содиршаванда, аз ҷумла алюминий, нахи пахта ва дигар маҳсулот рақобатпазир нестанд. Вазни нисбии масрафи энергия дар таркиби Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ 60 фоизро ташкил мекунад ва дар чунин ҳолат мо аз содир кардани мол ба ҷойи фоида зарар хоҳем дид. Норасойии барқ сол аз сол зиёд хоҳад шуд. Салдои содироту воридот манфӣ хоҳад монд. Роҳи ҳалли ин мушкилотро мо дар навбати аввал дар коркарди ашёи хом дар худи ҷумҳурӣ мебинем. Аз ҷониби дигар таҷҳизоти корхонаҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ, ки кӯҳна ва аз меъёр зиёд энергияталаб ҳастанд, бояд иваз шаванд;

в) ҷорӣ намудани технологияи муосири назорати электронии истеҳсол ва масрафи барқ барои аз байн бурдани ҳодисаҳои дуздии он бисёр муҳим аст.

Корҳое, ки то ҳоло анҷом додем, фақат оғози раванди ҳалли соҳаи энергетика мебошад. Мо ҳоло қаноатманд буда наметавонем. Дар оянда низ такмили қонунгузории кишварро баҳри ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда вусъат хоҳем бахшид.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳоло сухан ба вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ дода мешавад.

**Гул ШЕРАЛӢ: - Муҳтарам Раисикунанда, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Барои амалӣ гардонидани вазифаҳое, ки аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006, аз 25 апрели соли 2008 ва дастуру супоришҳое, ки аз суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба вазъи соҳаи энергетикаи кишвар ва вазифаҳои минбаъда доир ба рушди он дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи энергетикаи кишвар аз 17 июни соли 2008, бо мақсади омӯзиши мавзеъҳо барои сохтмони НБО-и хурд ва таҳияи лоиҳаи «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқи обӣ дар давраи солҳои 2009-2020» бармеоянд, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони худ таҳти №133 аз 17 ноябри соли 2008 аз ҳисоби мутахассисони вазорат ва намояндагони Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика», ШСХК «Барқи Тоҷик», Агентии обу ҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашии «Нурофар» гурӯҳҳои корӣ таъсис дода, бо назардошти захираи об дар фасли тирамоҳу зимистон дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ барои сохтмони НБО-и хурд санҷишҳо гузаронда, имкониятҳои мавҷударо ба инобат гирифта, 189 мавзеъро барои сохтмони НБО-и хурд интихоб намуданд.

Мо дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Барномаи мазкурро барои баррасӣ ва қабули қарори дахлдор пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардонидем ва тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №73 аз 2 феврали соли 2009 Барномаи мазкур қабул гардид.



Илова ба ин, бо мақсади ба танзим даровардани иҷрои вазифаҳои гузошташуда 12 январи соли 2010 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» қабул гардид. Қабули қонуни мазкур хело муҳим буда, имкон медиҳад, ки сармоягузорони ватанӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалии маблағгузор бе ягон монеагӣ дар рафти амалӣ намудани Барномаи мазкур иштирок намоянд ва ҳиссагузор бошанд.

Дар Комплекси сӯзишворию энергетикии (КСЭ) Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби умумии истифодабарии захираҳои энергетикӣ, саҳми неругоҳҳои обӣ 98 фоизро ташкил медиҳад.

Номгӯйи НБО-ҳои хурди дар Барнома дохилбуда, тибқи дархост ва пешниҳодоти вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимиятҳои давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат омӯхта, ба инобат гирифта шудааст.

Давоми солҳои 2009-2012 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 121 адад НБО-и хурд бо иқтидорҳои аз 5 то 4300 кВт ба истифода дода шудаанд, ки иқтидори умумиашон 13500 кВт-ро ташкил менамояд. Неругоҳҳои мазкур 6745 хоҷагӣ, 48 мактаб, 22 муассисаи тиббӣ, 16 адад нуқтаҳои савдо ва 82 адад муассисаҳои гуногуни хоҷагии халқро бо неруи барқ таъмин мекунанд. Дар ин иншоот барои 58 нафар ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Дар рафти сохтмони иншооти мазкур саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузорони ватанӣ, ташкилотҳои байналмилалии маблағгузор аз ҷумлаи Бонки Рушди Осиё, Бонки Исломии Рушд, Агроаксияи Олмон, Лоиҳаи Раёсати захираҳои обии Осиёи Марказии байнисарҳадии Олмон, Хазинаи Оғохон, Хазинаи наҷоти «Арал», Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, Хазинаи глобалии муҳити зист, Ҳукумати Ҷопон ва як қатор ташкилотҳои дигар низ назаррас мебошад.

Барои сохтмони 121 адад НБО-и хурд дар солҳои 2009-2012 ҳамагӣ 87170,8 млн. сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст, аз ҷумла:

- 63431,8 млн. сомонии он аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ;
- 9475,4 млн. сомонӣ аз ҳисоби грантҳо;
- 14263,6 млн. сомонӣ аз ҳисоби сармоягузорони ватанӣ мебошад.

Дар Паёми навбатии Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ҷиҳати таъмин намудани эҳтиёҷоти кишвар бо неруи барқ ва аз худ намудани манбаъҳои алтернативии энергия, масъулини соҳаи энергетика вазифадор карда шудаанд, ки тибқи Барнома дар давраи миёнамуҳлат сохтмони боз 70 неругоҳи хурдро дар солҳои 2012-2015 ба итмом расонанд.

Аз ин рӯ, ҳоло бо ҷалби сармоягузориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Исломии Рушд, Барномаи дастгирии иҷтимоии минтақаҳои дурдасти Хазинаи Оғохон, Агентӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Кореяи Ҷануби «Койка», Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, Маблағҳои грантии Ҳукумати Олмон ва сармоягузорони ватанӣ корҳои сохтмонию лоиҳакашии 14 адад НБО-и хурд бо иқтидори 16056 кВт ба роҳ монда шудааст.

Барои сохтмони иншооти мазкур танҳо сохтмончиён ва муҳандисони ширкатҳои ватанӣ сафарбар шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2012 дар баробари ба истифода додани як қатор иншооти азими энергетикӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия, алалхусус захираҳои обӣ бо ҷалби маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамагӣ 276 адад НБО-и хурд сохта, ба истифода дода шудааст, ки иқтидори умумиашон 25214 кВт-ро дар бар мегирад. Аввали солҳои 90-ум бошад, дар ҷумҳурӣ танҳо панҷ истгоҳи барқии хурд фаъолият мекард.

Аз 276 адад неругоҳҳои хурди баистифодадодашуда 159 ададаш дар тамоми фасли сол ва боқимондааш дар мавсими маҳдудияти неруи барқ кор мекунанд. Ба ҳисоби миёна истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳҳои мазкур дар як сол зиёда аз 40000 ҳазор кВт-ро дар бар мегирад. Маблағ аз фурӯши неруи барқи истеҳсолгардида дар як сол зиёда аз 4500 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

Имрӯз истифодаи энергияи офтоб низ ҳамчун сарчашмаи боэътимоди энергетикии саноатӣ дар Тоҷикистон ғайривоқеист, ҳарчанд истифодаи он барои тавлиди энергияи гармии иқтидораш паст дар рӯзгор ба мақсад мувофиқ аст ва имкон дорад. Давомнокии солонаи дурахши офтоб дар ҷумҳурӣ аз 2000 то 3000 соат, аз он ҷумла дар водии Ҳисор, водии Вахш ва дар вилояти Суғд 2700 соатро ташкил медиҳад.

(Идома дар саҳ. 5)

# ДАР РАВАНДИ БУНЁД ВА ИСТИФОДАИ НЕРУГОҲҲОИ ХУРДИ БАРҚИ ОБӢ КАМБУДИҲО МАВҶУДАНД

(Идома аз саҳ. 1,4)

Тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди дастрас намудани дастгоҳҳои барқдиҳандаи офтобӣ ба оилаҳои камбизоат, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва муассисаҳои тандурустии ноҳияҳои дурдаст дар солҳои 2011-2012, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба истиқболи 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ноҳияҳои Балҷувон 100 адад, Ховалинг 100 адад, дараи Яғноби деҳоти «Анзоб»-и ноҳияи Айнӣ 85 адад, Мурғоб 900 адад, Рӯшон 400 адад, Ишкошим 100 адад, Дарвоз 180 адад, Ванҷ 80 адад, Шуғнон 70 адад, Роштқалъа 70 адад, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 40 адад, ноҳияи Варзоб 50 адад, ноҳияи А.Ҷомӣ 50 адад ва ноҳияи Фархор 200 адад дастгоҳҳои барқдиҳандаи офтобӣ дастрас намуд.

Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 2700 адад таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобӣ бо иқтидори 82 кВт ба оилаҳои камбизоат, муассисаҳои тиббии ноҳияҳои дурдаст дастрас карда шуд.

Тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Рушди Осиё ва Ширкати чинии «Чунсин» ҷиҳати таъмини деҳаҳои дурдасте, ки шабакаҳои барқӣ надоранд, барои сохтмони электростансияи офтобӣ ва бодӣ ҳамкориҳои тарафайн ба роҳ монда шудааст. Тарафҳо тасмим гирифтаанд, ки баъди омӯзиши пурраи мавзеъҳо ҷиҳати сохтмони иншооти мазкур чораҷӯйӣ менамоянд. Маблағгузории лоиҳаи мазкур тариқи кӯмаки бебозгашт аз тарафи Бонки Рушди Осиё дар назар дошта шудааст.

Бо мақсади самаранок истифода бурдани манбаъҳои алтернативии энергия, ҳамагӣ дар шаҳру навоҳии мамлакат аз ҳисоби маблағҳои ШСХК «Барқи Тоҷик», Хазинаи Огохон ва сармоягузорони ватанӣ бо таври озмоишӣ нуҳ адад таҷҳизоти барқдиҳандаи бодӣ бо иқтидори 5,1 кВт ба оилаҳои камбизоат, муассисаҳои тиббии ноҳияҳои дурдаст дастрас карда шуд. Ҳоло корҳо дар самти ворид намудани таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобӣ ва бодӣ идома дорад.

Энергияи бодӣ аз манбаъҳои ғайрианъанавии маъруф буда, истифодаи босамари дастгоҳи он бо суръати доимии бод 5 м/сония вобаста аст. Бинобар ин, истифодаи саноатии энергияи бодӣ дар Тоҷикистон дар ҳолати асосноксозии техникию иқтисодиашон ба мақсад мувофиқ мебошад.

Барои истифодаи васеи таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобӣ ва бодӣ, моро зарур аст, ки дар марвриди аввал дар заминаи корхонаҳои саноатии ватанӣ ҳар чӣ зудтар истеҳсоли ин дастгоҳҳоро ба роҳ монем, зеро барои аз хориҷи кишвар дастрас намудани дастгоҳҳои барқдиҳандаи офтобӣ ва бодӣ, ки арзишашон хело боло рафтааст, имкон нест.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи васеи таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобию бодӣ, амалӣ намудани таҷрибаи давлатҳои Аврупо, омӯзиш ва истифодабарии таҷҳизоти мазкур бо як қатор ширкатҳои Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ, Нидерландия ва Олмон Ёддоштҳои тафоҳумро ба имзо расонида, бо як қатор сармоягузорони дигар гуфтушунидро давом дода истодааст.

Дар ҳамкорӣ бо яке аз ширкатҳои Ҷумҳурии Венгрия «Регион-Трейд», Пажӯҳишгоҳи химияи Академияи илмҳои Тоҷикистон лоиҳаи асосноккунии техникию иқтисодиро оиди ба роҳ мондани истеҳсоли як навъи сӯзишворӣ- «Биоэтанол», ки аз тарафи Агентии «Тоҷикстандарт» ба қайд гирифта шудааст, омода намуданд, ки дорои сертификати сифати мол мебошад.

Аз «Биоэтанол» сӯзишвории бензин истеҳсол карда мешавад, ки як корхонаи хурди истеҳсоли ин навъи маҳсулот соли 2007 бо иқтидори аз 600 000 то 1000 000 литр дар як сол аз тарафи ҶСП «Фон-Дарё» ба истифода дода шудааст.

Вазорат якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ҳамкориҳоро дар се самти асосӣ:

- беҳтар намудани таҷрибаи техникӣ, истифодабарии технологияи энергияи барқароршаванда, тезонидан ва баррасии санадҳои қонунгузорӣ барои рушди энергияи барқароршаванда;

-сатҳи азхудкунӣ ва расонидани маълумотҳо ба тарафҳои ҳавасманд нисбати имкониятҳои энергияи барқароршаванда, усулҳои беҳтар намудани истифодабарии неруи барқ ва нигоҳдории энергия байни тарафҳои манфиатдор;

- амалӣ намудани лоиҳаҳои таҷрибавӣ оид ба энергияи барқароршаванда дар минтақаҳои афзалиятнок ба роҳ мондааст.

Дар ҳамин раванд стандартизатсияи сохтмони иншооти гидроэнергетикии хурд ва маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки оид ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, барои истифодабарии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ гирд оварда шуд.

Айни замон вазорат дар ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар доираи Барномаи «Таҳвили технология ва рушди бозор барои НБО-и хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ба роҳ мондани истеҳсоли таҷҳизот барои неругоҳҳои хурд дар заминаи корхонаҳои саноатии ватанӣ омода намудани лоиҳаи асосноккунии техникию иқтисодии як қатор НБО-и хурдро ба роҳ мондааст. Дар назар дошта шудааст, ки тибқи нақшаи кории барномаи мазкур дар заминаи КВД «Тоҷиктекстилмаш» ва Ҷамъияти саҳомии «Энергоремонт»-и шаҳри Душанбе истеҳсоли 50 физи таҷҳизотҳо барои НБО-и хурд ба роҳ монда мешавад. Аввалин таҷҳизотҳои истеҳсолмешудаи корхонаҳои мазкурро солҳои 2013-2015 дар сохтмони НБО-и хурди «Сорво» ва «Соне»-и дараи Ромит, баркорорсозии НБО-и хурди «Сафедорак» -ноҳияи Варзоб ва НБО-и хурди «Мадрушкат»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ истифода хоҳанд бурд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» тартиби бастани шартнома оид ба хариду фурӯши кувваи барқ, ки аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол мешавад, муайян шудааст.

Ҳамчунин тибқи ҳамин қонун аз ҷониби Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳисоб намудани тарифҳои энергияи барқ Дастури методӣ оид ба ҳисоб намудани тарифҳои энергияи электрикие, ки бо истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба даст меояд, таҳия шудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки арзиши аслии як кВт неруи барқ дар НБО-и хурд ба ҳисоби миёна аз 20 то 25 дирамро ташкил менамояд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба арзиши неруи барқи истеҳсолмегардида дар НБО-и миёна ва калон ба андозаи аз 17,5 то 24,2 дирам ё 25 маротиба зиёд мебошад.

Соли 2011 арзиши аслии истеҳсоли як кВт неруи барқ дар НБО-и «Норак» 0,85 дирам, НБО «Бойғозӣ» 1,27 дирам, силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш 1,30 дирам, силсилаи неругоҳҳои дарёи Варзоб 7,48 дирам ва НБО «Қайроккум» 1,07 дирамро ташкил додааст.

Дар баробари ҳамаи ин, пешравиҳо соҳаи энергетика дар мавсими тирамоху зимистон бо сабабҳои ба ҳамаи мо маълум паст рафтани ҳарорати ҳаво ва нарасидани захираи об дар обанбори Норак ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардад.

Имрӯзҳо, чӣ хеле ки ҳамаи мову шумо хабардор ҳастем, тавассути ахбори омма аҳолӣ аз фаъолияти кори неругоҳҳои хурди амалкунанда бисёр шикоят менамоянд. Мо, кормандони соҳа, инро дуруст дарк менамоем ва чораҷӯйӣ ҳам мекунем. Бояд зикр кард, ки тамоми НБО-ҳои хурд барои захира намудани об обанбор надоранд. Онҳо дар доманакӯҳҳо дар дарёчаҳои хурд сохта шудаанд, ки дар мавсими тирамоху зимистон бо сабабҳои сард гардидани ҳаво оби кисмати зиёдашонях мебандад ва истифодаи онҳо ғайриимкон мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо каналҳои обкабулкунанда аз тарафи маҳомоти дахлдор барои тоза кардан ва омодагӣ ба баҳор маҳкам карда мешаванд, ки ин омил ҳам сабаби кор накардани ин иншоот мегардад.

Сабаби дигари зуд-зуд аз кор баромадани ин иншоот дар он аст, ки онҳо генератору ва турбинаҳои эҳтиётӣ надоранд, ба монанди неругоҳҳои миёна ва калон, ки дар як вақти муайян ҳамдигарро иваз намоянд. Бинобар ин, аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода бурда истодаем, ки роҳи ҳалли бартараф намудани ин камбудиҳоро пайдо намоем.

Аксари НБО-ҳои хурд дар мавзеъҳои кӯҳистон ҷойгир мебошанд ва дар сурати пайдо шудани нуқсони ночиз он қисмҳоро ба маркази ноҳия, шаҳрҳо, дар он ҷое, ки шароити барқаркунии ин қисмҳо мавҷуд мебошад, овардан лозим меояд ё худ ба заводи истеҳсолкунандаи таҷҳизот мурочиат намудан зарур мешавад, ки вақти зиёдро талаб мекунад.

Оид ба назорати ҳолати НБО-ҳои хурд ва пайваст намудани онҳо ба системаи энергетикии ҷумҳурӣ низ мушкилиҳои зиёде ҷой доранд.

Барои пайваст намудани неругоҳҳои хурд ба речаи ягонаи хатҳои интиқоли барқ, лозим меояд, ки дар марвиди аввал, тибқи талаботи техникӣ, соҳибмулкон неругоҳҳоро аз нав таҷдид ва ба стандарти давлатӣ мувофиқ намоянд, то ин ки баъд аз пайваст намудани онҳо ба речаи ягона мушкилиҳо пеш наоянд.

Барои пурра амалӣ намудани Барномаи мазкур 1 миллиарду 524 миллион сомонӣ сармоягузорӣ намудан зарур мебошад, ки соле на камтар аз 190 миллиону 362 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Амалан барои корҳои сохтмонӣ, лоиҳакашӣ ва аз хориҷи кишвар ворид намудани таҷҳизотҳо барои НБО-и хурд ба ҳар як кВт аз 2500 то 3500 доллар харочот мегардад.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ҷалб намудани сармоягузорон, ҷамъоварии маълумот, ташкили чорабиниҳо, тайёр намудан ва амалӣ гардонидани барномаҳо ва лоиҳаҳо, миёнаравӣ намудан миёни системаи операторони ШСХК «Барқи Тоҷик», ба роҳ мондани хариду фурӯши неруи барқ, ба танзим даровардани арзиши неруи барқ, интиқоли неруи барқ ба муштариён ва ҳалли дигар мушкилиҳои ҷойдошта, якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Консепсияи таъсиси «Фонди мақсадноки миллӣ оид ба рушди манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва самаранокии энергия»-ро омода намуда, таъсис додани фонди мазкурро дар назди Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мешуморад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ ба раиси ШСХК «Барқи Тоҷик» Абдулло Ёров дода мешавад.

**Абдулло ЁРОВ: - Муҳтарам Раисикунанда, вакилони Маҷлиси намояндагон, ҳозирини гиромӣ!**

Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» дар доираи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» як қатор корҳоро ба анҷом расондааст. Пеш аз ҳама, бояд зикр намуд, ки вазифаҳои ҳар як корхонаю идора, сарфи назар аз шакли моликияташ, аз ҷумла ШСХК «Барқи Тоҷик» оиди амалӣ гардидани ин қонун дар «Барномаи давлатии сохтмони силсиланеругоҳҳои хурд дар давраи солҳои 2009-2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009 таҳти рақами №79 тасдиқ карда шудааст, муайян гардидааст. Дар доираи амалӣ намудани ин барнома лоиҳаи «Сохтмони НБО-ҳои хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарзи БИР-0022 ТОҶ аз тарафи Бонки Исломии Рушд маблағгузорӣ карда мешавад, мавриди амал қарор дорад. Тибқи ин лоиҳа, бунёди ҳашт НБО-и хурд пешбинӣ шудааст, ки инҳо-«Марзич» (4300 кВт), «Сангикар» (1006 кВт), «Питовкул-2» (1104 кВт), «Ширкент» (576 кВт), «Шашволон» (183 кВт), «Фатҳобод» (282 кВт), «Ҳорма» (180 кВт) ва «Тоҷ» (125 кВт) мебошанд.

Арзиши умумии лоиҳа бо назардошти тағйироту иловаҳо 13987548 доллари ИМА буда, ҳиссаи ШСХК «Барқи Тоҷик» 4311300 доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки он пурра пардохт шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷумҳурӣ миқдори неругоҳҳои барқи обии хурд, ки ба қатори манбаъҳои барқароршавандаи энергия дохил мешаванд, сол аз сол зиёд шуда истодаанд. Шаклҳои моликияти онҳо низ гуногунанд. Дар ҷумҳурӣ 258 адад НБО-и хурди амалкунанда ба қайд гирифта шудааст. Ба ин миқдор НБО –ҳои хурди дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон воқеъбуда шомил нашудаанд.

Мавзеи ҷойгиршавии онҳо чунин аст:

ноҳияи Рашт -56 адад;
минтақаи НТҶ – 77 адад;
вилояти Суғд – 63 адад;
вилояти Хатлон-62 адад.

Тавонoии умумии онҳо 18110 кВт-ро ташкил мекунад. Бояд зикр намуд, ки миқдори зиёди ин неругоҳҳо ба меъёру талаботи қоидаҳои амалкунанда мувофиқат надоранд.

Аз ин миқдор 76 адади онҳо ҳисобкунак надорад. Аз ҷумлаи онҳое, ки ҳисобкунак доранд, аксарияташон аз санҷишҳои лабораторӣ ва стандартӣ нагузаштаанд ва ҳисоби барқи истеҳсолшуда аниқ нест.

Аз рӯйи ҳисобҳо дар зарфи 11 моҳи соли ҷорӣ дар НБО-ҳои хурд 10,5 млн. кВт/соат кувваи барқ истеҳсол карда шудааст.



Зери назорати ШСХК «Барқи Тоҷик» 15 адад НБО-и хурди давлатӣ қарор дорад. Боқимондаи онҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, ба ШСХК «Барқи Тоҷик» мансубият надоранд ва танҳо мониторинги онҳо аз ҷониби ширкат бурда мешавад.



Бояд зикр намуд, ки то як - ду соли охир ба ин масъала чандон диққати ҷиддӣ дода намешуд. Имрӯз хама дарк намудаанд, ки дар сурати дуруст истифода бурдани ин неругоҳҳо метавон мушкилоти мардуми кӯҳистони дурдасти мамлакатро осон гардонид.

Ба ин хотир, муҳимияти масъаларо ба назар гирифта, бо қарори роҳбарияти ШСХК «Барқи Тоҷик» моҳи майи соли 2011 дар сохтори дастгоҳи марказӣ шуъбаи «Сарфаҷӯйӣ ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ташкил карда шуд, ки вазифаи асосии он аз ҳалли масъалаҳои сарфаҷӯйӣ ва баҳрабардории самараноки НБО-и хурд иборат мебошад. Ғайр аз ин, барои сари вақт ҳал намудани масъалаҳои пайдошуда дар минтақаҳое, ки зиёда аз ду адад НБО-и хурд мавҷуд мебошад, гурӯҳҳои таъмирӣ ташкил карда шуд. Айни замон чунин гурӯҳҳо дар шабакаҳои барқи Панҷакент, Рашт ва Турсунзода фаъолият мекунанд. Дар ҳайати ин гурӯҳҳо мутахассисони ботаҷриба ҷамъ оварда шудаанд, барои баланд бардоштани савияи дониши онҳо дар маркази таълимии назорати барқ бо онҳо машғулиятҳои дуҳафтаинаи назариявию амалӣ гузаронида шуд, ки сатҳи хизматрасонии ин неругоҳҳоро баланд мебардорад. Ҳоло барои истифодабарӣ ва хизматрасонии НБО-и хурд дар сохторҳои ШСХК «Барқи Тоҷик» 68 нафар фаъолият мекунанд. Ин чорабиниҳо натиҷаи мусбӣ дода истодаанд.

Асосан НБО-и хурди зери назорати ШСХК «Барқи Тоҷик» карордошта солҳои 2011 ва 2012 сохта шудаанд ва ба воситаи онҳо 7,5 млн. кВт/соат кувваи барқ истеҳсол шудааст, аз ҷумла дар 11 моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 4 млн. кВт/ соат. Вақте ки маҳдудият дар таъмини кувваи барқ бардошта мешавад, аз моҳи апрел то моҳи октябр, дар он ҷое, ки аз шабакаҳои марказӣ таъмин намудани кувваи барқ имконият дорад, НБО-ҳои хурд ҳамчун захира нигоҳ дошта мешаванд. Тибқи дастурамалҳои амалкунанда онҳо дар давоми як сол кафолат дошта, дар речаи санҷишӣ кор мекунанд ва аз тарафи комиссияи корӣ камбудию нуқсонҳои ҷойдошта мушаххас карда шуда, дар муҳлатҳои муайян бартараф намудани онҳо ба пудратчиёни омодагарон (наладчики) пешниҳод карда мешавад.

То ҳол аз назари комиссияи корӣ НБО-ҳои хурди «Ширкент» (576 кВт, шаҳри Турсунзода), «Фатҳобод» (282 кВт, ноҳияи Тоҷикобод), «Питовкул-2» (1104 кВт ноҳияи Ҷиргатол) гузаштанд ва аксарияти камбудиҳои ошкоргардида бартараф карда шуданд. Аз ин ҷост, ки баҳрабардорӣ аз ин неругоҳ нисбат ба дигар неругоҳҳо хеле баланд мебошад. Агар ба мо муяссар шавад, ки коэффитсиенти истифодабарии ҳамаи неругоҳҳои хурдро то дараҷаи нишондиҳандаҳои неругоҳҳои «Питовкул-2» ва «Ширкент» расонем, он вақт мо метавонем истеҳсоли кувваи баркро дар НБО-ҳое, ки зери назоратамон мебошанд, то 20-25 млн. кВт/соат дар як сол расонем, ки ин нишондиҳандаи хеле хуб мебошад.

Мутаассифона, на ҳамаи онҳо бо иқтидори лоиҳавӣ кор мекунанд. Ба инҳо мисол шуда метавонад НБО-ҳои хурди «Сангикар», «Марзич», «Ҳорма», «Шашволон», «Кӯҳистон-1» ва «Диҷик». Ин ҷо ҳам сабабҳои объективӣ ва ҳам сабабҳои субъективӣ ҷой доранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар марҳилаҳои ҷустуҷӯйӣ, лоиҳакашӣ ва сохтмон якчанд талаботи ҳатмӣ, ки барои неругоҳҳои обии барқӣ хос аст, ба инобат гирифта нашудааст. Қариб дар ҳамаи лоиҳаҳо ҳаҷми бисёрсолаи ҷоришавии об дар мавзеи сохтмон, махсусан дар фасли тирамоҳу зимистон ба инобат гирифта нашудааст ва ин яке аз сабабҳои асосии ба иқтидори пурра кор накардани онҳо мебошад. Мо медонем, ки НБО-и хурд, ба мисли НБО-и калон обанбор надорад, ки обро захира намояд. Онҳо бо он обе, ки дар дарёча ҷорӣ аст, кор мекунанд ва онро мо танзим карда наметавонем, махсусан дар вақтҳои камобӣ. Ин гуфтаҳоро метавонам бо мисоли мушаххас тасдиқ намоям. Тибқи «Барномаи давлатии сохтмони силсиланеругоҳҳои хурд дар давраи солҳои 2009-2020» сохтмони НБО-ҳои хурди «Кӯлоб» (шаҳри Кӯлоб) ва «Меҳнатобод» (ноҳияи Восеъ) ба зиммаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст. Дар ин неругоҳҳо корҳои тадқиқотӣ гузаронидаанд ё не, лоиҳаи он чӣ хел тарҳезӣ шудааст, ба мо маълум нест. Баъд аз гузашти 2-3 сол фармоиши Ҳукумати ҷумҳурӣ баромад, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» ин иншоотҳоро ҳамчун сохтмони нотамом ба тавозуни худ қабул намояд. Вақте ки мо аз наздик бо онҳо шинос шудем, маълум гардид, ки дар сохтмон, интихоби таҷҳизот ва мавзеи сохтмон ба хатоӣ роҳ дода шудааст. Дар натиҷа, неругоҳ кор накард. Чунин ҳолат дар НБО-и «Каландак», «Душохазамин», «Дошмандӣ» ва ғайраҳо низ ҷой дорад. Бо ин сабаб масъалаи ба дигар ҷо кӯчонидани баъзе аз онҳо ба миён омадааст. Ба саҳми вакилони муҳтарам расониданиам, ки аслан вазифаи ШСХК «Барқи Тоҷик» сохтмон нест. Вазифаи асосии мо баҳрабардорӣ, нигоҳубин ва таъмири таҷҳизоти системаи энергетикӣ мебошад. Барои мисол неругоҳҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2»-ро метавон мисол овард. Мо дар сохтмони онҳо иштирок накардем ва ба фаъолияти онҳо дахолат карда наметавонем, фақат аз онҳо дар асоси шартнома неруи барқ мехарем. Аммо аксарияти мардум бар чунин ақидаанд: модом ки ШСХК «Барқи Тоҷик» бо барқ сарукор дорад, корҳои тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ низ ба ӯ дахл доранд. Ба ин хотир ман ба ин масъала равшанӣ андохтам.

Аз ҳамаи зинаҳои мақомоти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ хоҳиш мекардам, ки вобаста ба салоҳиятҳои худ дар вақти санҷиш ва додани иҷозатномаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои сохтмон талаботи асноди меъёрии ҳуқуқиро риоя намуда, лоиҳаро бо ШСХК «Барқи Тоҷик» мувофиқа намоянд.

Камбудии дигаре, ки имрӯз мо бо он дучор омадем, НБО-ҳое мебошанд, ки дар каналҳои обёрикунӣ сохта шудаанд. Аксари ин каналҳо барои обёрии мавсимӣ таъин шудаанд ва дар давраи тирамоҳу зимистон оби онҳо хушк шуда, дар онҳо корҳои таъмирию тозакунӣ гузаронида мешавад.

Омили дигаре ки ба самаранокии НБО-ҳои хурд таъсири манфӣ мерасонад, ин риоя накардани талаботу меъёрҳои мавҷуда оид ба сохтмон ва баҳрабардорӣ мебошад. То солҳои наздик асноди меъёрии ҳуқуқӣ дар ин масъала қариб, ки вуҷуд надошт. Ҳоло бошад, дар ин самт қонунҳо, қарорҳои Ҳукумат ва бисёр асноди зерқонунӣ ба тасвиб расиданд, ки риояи онҳо ба фоидаи кор мебошад.

Масъалаи муҳими дигар дар фаъолияти НБО-ҳои хурд ин бисёр баланд будани арзиши кувваи барқи истеҳсолшуда нисбати кувваи барқ дар НБО-ҳои миёна ва калон мебошад. Табиист, ки нархи кувваи барқи онҳо низ нисбат ба дигар неругоҳҳо зиёд аст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ШСХК «Барқи Тоҷик» вазифадор аст, неругоҳҳоеро, ки дар асоси манбаъҳои барқароршавандаи энергия кор мекунанд, дар сурати мурочиати онҳо оид ба хатҳои барқӣ пайваст намуданашон кувваи барқи дар онҳо истеҳсолшударо харидорӣ намояд. Дар ин асос кувваи барке, ки дар неругоҳи инфиродӣ бо номи «Панҷрӯд» дар минтақаи Панҷакент истеҳсол мешавад, дар асоси шартномаи тарафайн ШСХК «Барқи Тоҷик» харидорӣ карда истодааст. Арзиши аслии кувваи барқи истеҳсолшудаи он 23 дирамро барои 1 кВт/ соат ташкил медиҳад. Кувваи барқи ин неругоҳро асосан аҳолӣ истифода мебарад. Шумо медонед, ки аҳолӣ барои истифодаи 1 кВт/ соати он 11 дирам пардохт мекунад. Яъне, 12 дирами дигари онро ширкат бояд бар зарари худ қабул намояд. Ин ба муносибатҳои бозорӣ рост намеояд. Вазъияти молиявии ширкат хеле вазнин буда, маро ҳамчун роҳбар ба ташвиш овардааст. Аз ин лиҳоз, на ҳамаи харидорон имконият доранд, ки бо чунин нарх бо зарари худ кувваи барқро харидорӣ намоянд. Дар ин бора таҷрибаи дигар давлатҳоро, ки аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия васеъ истифода мебаранд, омӯхтан лозим аст. Яъне, барои пӯшонидани харочоти иловагӣ, ки нархи кувваи барқро баланд менамояд, бояд фонди ҷубронӣ ё дастгирии молиявӣ ташкил карда шавад, то ки фарқияти тарифи истеъмолӣ ва харочоти аслӣ аз ҳисоби ҳамин фонд пӯшонида шавад.

Мутаассифона, то ҳол ширкат ба васеъ истифода бурдани дигар намудҳои энергия аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз қабили офтоб, бод, биомасса ва ғайраҳо сарукор нагирифтааст. Ман фикр мекунам ин муваққатист ва мо дар ин самт чораҳо меандешем.

Ҷумҳурии мо дар истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия қадамҳои аввалинро гузошта истодааст ва боварӣ дорам, ки дар муҳлатҳои на чандон дур натиҷаҳои назаррас ба даст меорем.

*Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои манзуршударо мавриди баррасии амиқ қарор доданд. Аз ҷумла вакилони Маҷлиси намояндагон Шакарбек Самадов, Амирхон Сафаров, Исмоил Талбаков, Амирбек Маҳмадалиев, Давлаталӣ Давлатзода, Олим Салимзода, Амирқул Азимов, Маҳмадраҳим Каримов, Лутфулло Саидмуродов ва Насрулло Маҳмудов ба масъулин доир ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд дар соли оянда, роҳандозӣ намудани истеҳсоли таҷҳизот барои чунин неругоҳҳо дар дохили мамлакат, омоданамоии мутахассисон барои неругоҳҳои фавқуззикр, раванди гузариш ба истифодаи таҷҳизоти каммасраф, набудани хатти интиқоли барқ дар баъзе деҳаҳои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ғайриқаноатбахш будани фаъолияти Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе, баҳисобгирии дақиқи теъдоди неругоҳҳои хурди барқи обӣ ва ғайра саволҳо дода, посух гирифтанд.*

*Вакилон Рустам Латипов, Исмоил Талбаков, Шакарбек Самадов ва Нурулло Оқилов доир ба масъалаи мавриди баррасӣ фикру мулоҳизаҳояшонро ироз доштанд.*

**РАИСИКУНАНДА:- Вакилони гиромӣ, ҳозирини муҳтарам!**

Ҷаласаи имрӯзаи мо бори дигар собит намуд, ки тайи солҳои охир таҳти роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар ташкилоту донорҳо бо истифода аз маблағҳои буҷетӣ ва сармояҳои хориҷӣ дар соҳаи энергетика хеле корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Бояд зикр намоем, ки бунёд шудани ин неругоҳҳо дар минтақаҳои дурдаст ҷиҳати таъмин намудани эҳтиёҷоти сокинони кишвар ба неруи барқ имконият фароҳам меоварад.

Бо вуҷуди ин, аз таҳлилҳо маълум гашт, ки дар соҳаи мазкур дар самти сохтмон ва истифодаи неругоҳҳои хурди обии барқӣ як қатор камбудию норасоиҳо низ ҷой доранд.

Тааҷҷубовар аст, ки мувофиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии неругоҳҳои барқи обии хурд 276 адад, мувофиқи маълумотномаи ШСХК «Барқи Тоҷик» 258 адад нишон дода шудааст, вале аз рӯйи маълумоти оморӣ ба 1 декабри соли 2012 шумораи онҳо 181 адад буда, аз ин шумора 114- тои онҳо фаъолият менамоянд ва 67- тои дигарашон фаъолият намекунанд.

Савол ба миён меояд, ки чаро байни ин рақамҳо чунин фарқият вуҷуд дорад ва ин фарқият ба манфиати кӣ аст?

Ҳамчунин мувофиқи маълумотномаҳо дар водии Рашт, шаҳри Кӯлоб ва дар баъзе минтақаҳои дигар низ неругоҳҳои хурди барқи обӣ дар мавзеъҳое сохта шудаанд, ки миқдори ҷамъшавии об, алалхусус дар фасли зимистон, ба назар гирифта нашудааст. Яъне, ҷойи ҷойгиркунонии ин неругоҳҳо ҳангоми банақшагирӣ ва лоиҳакашӣ ба таври бояду шояд омӯхта ва ба назар гирифта нашудааст.

Инчунин дар бисёр мавзеъҳое, ки неругоҳҳо сохта шудаанд, то нуқтаҳои аҳолинишине, ки истифодабарандагони эҳтимолии неруи барқи ҳамин неругоҳ ба ҳисоб мераванд, хатти интиқоли неруи барқ мавҷуд нест ва ин имконият намедиҳад, ки иншооти сохташуда дар сатҳи зарурӣ ва самаранок истифода карда шаванд.

Бори дигар ба диққати масъулини ин соҳа расониданиам, ки масъалаи бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд, таъмин намудани аҳолӣ бо неруи барқи худӣ яке аз афзалиятҳои сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намуда буданд, ки ин на фақат масъалаи иҷтимоӣ, балки мушкилоти муҳими иқтисодӣ низ маҳсуб мешавад. Зеро бунёди неругоҳҳои хурди барқи обӣ ба фақат танқисии сокинони мамлакатро аз неруи барқ бартараф мекунад, балки он имкон медиҳад, ки инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар низ рушд намуда, ҳазорҳо ҷойҳои корӣ нав фароҳам оварда шавад. Бинобар ин, ба ин самт аз рӯйи барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ маблағҳои хеле калон ҷудо мешаванд. Барои мисол, аз соли 2009 то соли 2012 ба ин мақсад аз Буҷети давлатӣ 63,4 млн. сомонӣ, аз ҳисоби грантҳо 9,5 млн. сомонӣ, аз ҳисоби сармоягузории ватанӣ 14 млн. сомонӣ ва дар маҷмӯъ 87,2 млн. сомонӣ маблағ сарф шудааст. Вале бо сабаби беаҳамиятии сохторҳои дахлдор ва мақомоти масъул ин маблағҳо самаранок истифода намегарданд. Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик», ки иҷрокунандагони бевоситаи супориши давлатӣ дар ин соҳа ба ҳисоб меравад, бахри истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои ҷудошаванда бояд масъулият дошта бошанд.

Камбудии дигаре, ки дар соҳаи бунёд ва истифодаи неругоҳҳои барқи обии хурд мавҷуд аст, ин ба роҳ мондани назорати дурусти масрафи кувваи барқи дар ин неругоҳҳо тавлидшаванда аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мавриди ҳисобу китоби тавлид ва истифодаи неруи барқ дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон аз техника ва технологияҳои муосири рақамӣ васеъ истифода мекунанд ва ин имкон медиҳад, ки рӯйпӯшкунонии масраф, дуздӣ ё худ талафоти сохтаи неруи барқ бартараф карда шавад.

Мутаассифона, дар ин масъала низ Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик», сарфи назар аз таъкидҳои чандинкаратаи Сарвари давлат, аз усулҳо ва технологияи кӯҳнаи ҳисоби неруи барқ истифода мекунанд, ки ин барои қонуншиканиҳо шароит фароҳам меоварад. Бинобар ин, ба вазорати мазкур ва ШСХК «Барқи Тоҷик» зарур аст, ки барои дуруст ва самаранок истифода бурдани неруи барқ назорати электронии ҳисобу китоби онро ҳар чӣ зудтар ба роҳ монанд.

Корхонаҳои саноатии кишвар, ба ҷойи он ки аз технологияҳои муосири каммасраф истифода кунанд, таҷҳизоти кӯҳнаи арзон ва бо харҷи зиёди кувваи барқ фаъолияткунандаро ба кишвар ворид намуда, онро ба шабакаҳои барқӣ насб ва истифода менамоянд, ки ин танқисии неруи баркро шиддат мебахшад. Аз ин рӯ, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми пешбарандаи сиёсати соҳа якҷоя бо ШСХК «Барқи Тоҷик» бояд таҷриба ва фаъолияти худро дар ин самт низ бознигарӣ намоянд.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар соҳаи энергетикаи кишвар ҳалли худро талаб дорад ва бевосита ба салоҳият ва вазифаҳои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК «Барқи Тоҷик» дохил мешавад, ин масъалаи тайёр намудани кадрҳои соҳа ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои ватание, ки бо талошу ташаббусҳои бевоситаи Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз шудаву фаъолият доранд, аз рӯйи баъзе ихтисосҳое, ки барои соҳаи энергетикаи кишвар зарuранд, мутахассисон тайёр карда мешаванд. Вале ин эҳтиёҷоти соҳаро пурра таъмин карда наметавонад, зеро ҳастанд баъзе ихтисосҳое, ки мутахассисони онро танҳо дар хориҷи кишвар метавонем тайёр намоем. Ҳамчунин бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии кормандони соҳа дар давлатҳое, ки аз нигоҳи соҳаи энергетика пешқадаманд, масъалаи мубрам ва ҳалталаб мебошад. Бо назардошти ин ҳама масъулин бояд масъалаи тайёр намудани кадрҳо ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаро ба нақша гирифта, барои ҳалли ин мушкилот чораҳои зарурӣ андешанд.

Ба мо маълум аст, ки Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ҷалби сармояи хориҷӣ барои бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодааст. Боиси қаноатмандист, ки гуфтушунид ва корҳо бахри омода ва ба имзо расидани созишномаҳо бо давлатҳо ва ширкатҳои хориҷии гуногун идома доранд. Вале ин ҳанӯз кифоя нест ва имкониятҳои дигар низ мавҷуданд. Бинобар ин, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик» ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳалли мушкилоти номбаршуда минбаъд низ чораҳои дахлдор андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Камбудию норасоиҳои дар боло зикршуда бояд масъулини соҳаҳои дахлдорро бетараф нагузоранд ва ба онҳо зарур аст, ки барои бартараф кардани онҳо ва пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо дар соҳаи таҳти сарпарастиашон қарордошта масъулият ҳис намоянд.

Хотиррасон менамоям, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ таҷрибаи баргузории муҳокимаҳои парламентиро, бо назардошти зарурияти масъалаҳо, дар вазорату идора ва муассисаҳои гуногуни кишвар, инчунин иҷро ва истифодаи самараноки маблағҳои Буҷети давлатӣ дар соҳаҳои гуногун идома хоҳад дод.

Бинобар ин, бори дигар аз масъулони соҳаҳои дахлдор талаб карда мешавад, ки қарор ва тавсияҳои қабулшавандаро ҳаматарафа омӯхта, мукаррарoти онро ба роҳбарӣ гирифта, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта талошу кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Дар анҷоми муҳокимаи ошкорои парламентӣ қарор ва тавсияҳои он қабул гаштанд. Муҳокимаи ошкорои парламентиро муовини аввали Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев ҷамъбаст намуд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум». Суратгир А.ИСОЕВ***

# РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ПОЙТАХТ БАРРАСӢ ГАРДИД

**Бистуми декабри соли 2012 Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати чорум дар толори Муассисаи давлатии «Душанбе -Плаза»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев баргузор гардид.**

Дар иҷлосия бо назардошти таъмини шаффофият ва дастрасии озоди аҳли ҷамоатчигии шаҳр, дар рӯзномаи «Паёми Душанбе» ва сомонаи шаҳрдорӣ www.dushanbe.tj 18 декабри соли 2011 комилан интишор шудани матни ҳисоботи Раиси шаҳри Душанбе М.Убайдуллоев «Оид ба иҷрои барномаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе дар ёздаҳ моҳи соли 2012, нақшаҳои рушд, буҷети шаҳри Душанбе ва вазифаҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе барои соли 2013 ва иҷрои буҷети шаҳри Душанбе дар соли 2011» вакилон ба баррасии васеи он шуруъ намуданд. Зимни суханрониҳои раисони комиссияҳои марбутаи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе: А. Рауфӣ, А. Абдурасулов, С.Сафиаллоев ва вакилон М. Исҳоқов, Ҷ. Саидов, инчунин раисони кумитаҳои шаҳрии ҳизбҳои сиёсӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дар иҷлосия ширкатдошта, ҳисоботи Раиси шаҳри Душанберо, ки фарогири самтҳои салоҳияти шаҳрдорӣ ва ташкили бонизоми системаи хоҷагидории шаҳрро дар бар гирифта, дар 11 моҳи соли 2012 рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе дар асоси барномавӣ бемайлон таъмин гардидааст, қобили қабул арзёбӣ карданд.

Дар иҷлосия вакилон нисбати ҳамаи масъалаҳои матраҳгардида бо инобати таклифу пешниҳодоти фаъолони шаҳр қарорҳои дахлдор қабул намуданд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев дар иҷлосия доир ба тавсеаву тақвияти фаъолият дар бахшҳои фарогири хоҷагидории шаҳр дар соли 2013, аз ҷумла афзуд, ки сохтмони манзил, мактаб, толорҳо ва майдончаҳои варзишию фароғатӣ, қасри теннис барои 3000 ва қасри намудҳои варзишии обӣ барои 2000 ҷойи нишаст дар сатҳи меъёрҳои олимпию байналмилалӣ бо назардошти таваққуфгоҳи зеризаминӣ, иншооти соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ, аз қабили марказҳои савдо ва «минимаркет»-ҳо, бозори замонавӣ, дар соҳаи иҷтимоӣ беморхонаи бисёрсоҳавӣ барои 650 кат, дармонгоҳ барои қабули 800 нафар дар як бахш ва осоишгоҳ барои 200 нафар дар назар дошта шудааст.

Дар доираи татбиқи «Солҳои таъмиру барқарорсозии роҳҳо ва пиёдагардҳои ҳудуди шаҳраку маҳаллаҳо», ки солҳои 2012-2014-ро Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе эълон намудааст, дар соли оянда низ 30 фоизи қисми иҷрои барзиёди воридоти маблағҳо ба буҷети шаҳрӣ ва 100 фоизи қисми иҷрои барзиёди воридоти маблағҳо ба буҷети ноҳияҳои шаҳр ба ин мақсад сафарбар намуданашон идома дода мешавад. Танҳо аз ҳисоби маблағҳои нақшавии буҷети шаҳрӣ дар соли оянда 25,81 км роҳ, ки 22 кӯчаи шаҳрро дар бар мегиранд, бо масоҳати 551527 $м^2$ сохтмон ва таъмиру азнавсозӣ карда мешаванд.

Маъракаи эҳёи инфрасохтории ҳудуди шаҳраку маҳаллаҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети ноҳиявӣ ва ҷалби зарфиятҳои молиявии сокинон ва роҳбарони ширкатҳои соҳибмулкони манзил, шӯрои хонаҳо ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятию соҳибкорон ва роҳбарони субъекти хоҷагидории дар ин ҳудудҳо ҷойгирбуда идома дода хоҳад шуд.

Бо мақсади мусоидат ба ҳаракати бемайлони нақлиёти ҷамъиятӣ, пешгирӣ аз танбашавӣ ва ба танзим даровардани фаъолияти воситаҳои нақлиёти хусусии дар роҳҳои сайри нақлиёти мусофиркашонии ҷамъиятӣ ба хизматрасонии таксӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ машғулиятдошта, бо истифода аз таҷрибаи шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар шаҳрҳои мамолики мутараққӣ, ки ин тадбир нек амалӣ мешавад, роҳандозии пулакии истифодаи муваққатии таваққуфгоҳҳои сарироҳӣ (паркинг)-ро мувофиқ ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар шаҳр ҷорӣ карда хоҳад шуд. Илова ба тадбирҳои андешидашуда оид ба пурзӯр намудани назорати ҷамъиятии фаъолияти нақлиёти мусофиркашони шаҳр қарор гардид, ки назорати ҷамъиятӣ аз рӯйи корхонаҳои коммуналии мусофирбар ба зиммаи раиси кумитаи шаҳри Душанбегии ҲСДТ Ш.Ҳакимов гузошта шавад.

Бар замми он, барои тақвияти чораҳо ҷиҳати ба низом даровардани фаъолияти хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонии ҷамъиятӣ лоиҳаи ҷадиди инноватсионӣ оид ба назорати электронии ҳаракат ва хизматрасонии воситаҳои нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе мавриди амал қарор дода хоҳад шуд.

Таъкид гардид, ки ҳарчанд мушкилоти дастрасии сокинон бо оби тозаи ошомиданӣ дар шаҳр ҳалли худро пайдо карда бошад ҳам, аммо аз даврони шӯравӣ то имрӯз 35392 муштарӣ аз ҳисоби аҳолӣ (19,5 фоиз) аз ҷониби КВД «Обу корези Душанбе» тариқи реҷавӣ бо об таъмин карда мешаванд, ки низоми мавҷуда шаҳрдориро дар роҳи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон қонеъ ва бетараф гузошта наметавонад. Бо назардошти ин, дар соли 2013 КВД «Обу корези Душанбе» вазифадор шуд, ки барномаи марҳилавии рафъи интиқоли реҷавии оби ошомиданӣ дар биноҳои баландошёнаи шаҳрро дар доираи таҷдиди меъёрҳои техникии иншооти обрасонии корхона то 1 апрели соли 2014 амалӣ намояд.

Дар иртибот ба масъалаи таъмини дурнамои хизматрасонии таъиноти КВД «Обу корези Душанбе» зарур дониста шуд, ки вобаста ба бунёди иншоот дар доираи татбиқи нақшаи генералии шаҳр, инчунин ҳифзу дар ҳолати хуби хизматрасонӣ нигоҳ доштани қубурҳои обгузару корезӣ ва таъмини иқтидорҳои хизматрасонии он барномаи нави ташхиси инфрасохторҳои КВД «Обу корези Душанбе» мавриди тарҳрезӣ ва иҷро қарор ёбад ва зимни бунёди шаҳракҳои нав ба кашидани хатҳои коммуникатсионӣ тавассути коллектор афзалият дода шавад.

Бо мақсади бо гармӣ таъмин намудани соҳаҳои иҷтимоии шаҳр, бо истифода аз қувваи барқ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ба ШСХК «Барқи Тоҷик» 16,7 млн. сомониро аз ҳисоби ҳаққи неруи барқи аз ҷониби муассисаҳои аз ҳисоби буҷети шаҳр маблағгузоришаванда бахри бо истифода аз ангишти ватанӣ ба кор андохтани дегхонаҳои «Ғарбӣ» пешпардохт намуд.

Соли оянда тибқи дастури Сарвари давлат бо дархости роҳбарияти шаҳр дар дегхонаи «Ғарбӣ»-и ҶСК «Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе»-и ШСХК «Барқи Тоҷик» ду адад деги обгармкунӣ бо истифодаи сӯзишвории сунъии композитсионии моеъ (бо истифодаи ангишт) корҳои сохтмонию васлгарӣ бо сармоягузории 50 фоизӣ аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» ва шаҳрдорӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо назардошти таҷрибаи муваффақонаи хизматрасонии сомонаи шаҳрии www.mometavonem.tj бо мақсади тақвияти чораҳои амалисозии мутассили сиёсати бунёди ҳукумати электронӣ ва густариши робита бо институтҳои шаҳрвандӣ бахри баланд бардоштани фарҳанги шаҳрнишиниву маърифати шаҳрдорӣ, сатҳи иттилоотонии сокинон аз ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, фароҳам овардани шароитҳои иловагӣ дар татбиқи потенсиали созандаи онҳо бо роҳи қабули мустақими муроҷиату пешниҳод ва ташаббусҳои созандаи шаҳрвандон, ки ба роҳандозии барномаҳои марбут ба соҳаи фарҳангу иҷтимоиёти шаҳрдорӣ нигаронида шудаанд, лоиҳаи нави интерактивии «Бе миёнаравҳо» ва сомонаи www.bemiyonaravho.tj, ки фарогири бахшҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ, варзиш, ҷавонон, оила ва кӯдак, шуғл, нақшаи генералӣ, инноватсия, савдову хизматрасонӣ ва зидди коррупсия мебошад, фаъол карда мешавад.

Дар ин замина таъсис намудани Шӯро дар назди Раиси шаҳри Душанбе оид ба баррасии масъалаҳои афзалиятноки рушди шаҳр, ки ба ҳайати он намояндагони ҳамаи бахшҳо шомил бошанд, пешниҳод мегардад ва вазифаи он тарҳрезии барнома ва стратегияҳои экспертӣ барои амалӣ сохтани нақшаҳои созандагӣ мебошад, ки дар ин ҷода беш аз ҳарвақта тамоми неруи созандаи сохторҳои давлатӣ ва институтҳои шаҳрвандии ҷомеаамонро ба манфиати шаҳрамон равона хоҳад шуд.

Соли 2013 дар радифи амалисозии нақшаҳои пешбинигардида, соли омодагии ҳамаҷониба ба ифтихори 90-солагии мақоми пойтахтро доро гардидани шаҳри Душанбе эълон карда мешавад. Барои дар сатҳи густурда роҳандозии омодагиҳо қарор гардид, ки барои ташкилу назорати корҳои тайёрӣ дар таносуби ноҳияҳои шаҳр кумитаи шаҳрии ҳизбҳои сиёсӣ ва соҳибкорон ба тариқи зайл: ноҳияи Сино - ҲХДТ ва соҳибкор Наврӯз Комилов, ноҳияи И.Сомонӣ - ҲКТ ва соҳибкор Ҳасан Асадуллозода, ноҳияи Шоҳмансур – ҲНИТ ва соҳибкор Зайд Саидов ва ноҳияи Фирдавсӣ-ҲСТ ва соҳибкор Қурбон Неъматов вобаста карда шаванд.

Дар фарҷоми иҷлосия Маҳмадсаид Убайдуллоев бобати ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва созандаи аҳли ҷамоатчигӣ дар татбиқи барномаҳои шаҳрдорӣ дар соли сипаришаванда, инчунин нисбати корҳои омодагиву зимистонгузаронии воқеӣ ба тамоми сохторҳои дахлдор ва пеш аз ҳама ба ҳар як занҳои кӯчарӯби раёсатҳои истифодабарии роҳҳои ноҳияи шаҳр миннатдории самимии худро иброз намуда, дар амалӣ гаштани иқдомоти нек ва иҷрои барномаҳои бунёдкорона ба ҳамаи вакилон ва дар шахси онҳо ба ҳама сокинони шаҳр муваффақиятҳо хоста, дастовардҳои навину некрӯзиҳои ҳамешагиро дар Соли нав таманно намуд.

***Ш.САИДОВ***

## Тухмии «Наҷмиддин»

Дар ноҳияи Ғонҷӣ заминҳои деҳаи Овҷӣ барои рӯёнидани ҳосили дилхоҳи картошка хеле мувофиқ мебошад. Аз ин ҷост, ки мардуми ин деҳа осон бо роҳи парвариши картошкаю сабзӣ зиндагии хешро пеш мебаранд. Картошкапарварони деҳа, ки дар рӯёнидани тухмии хушсифат ном баровардаанд, аз назари роҳбарияти кишвар, хоса Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон, берун намондаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сафари корӣ ба вилояти Суғд аз деҳаи мазкур низ дидан намуд ва деҳқонони ин мавзеъро оид ба кишти картошка ва рӯёнидани ҳосили дилхоҳ намунаи ибрат шуморид.

-Наздик ба 90 фоизи аҳли ин деҳа замини иҷора ва картошкаю сабзии фаровон меғундоранд,- мегӯяд корманди масъули Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғонҷӣ Эгамназари Соҳибназар.

-Омӯзгорони деҳа низ истисно нестанд. Яке аз онҳо Наҷмиддин Кечиев, ки таҷрибаи бистсолаи омӯзгорӣ дорад, дар вақти холии хеш ҳамроҳи аҳли оилааш дар замини иҷоравии худ заҳмат мекашад, то ин ки рӯзгораш осудаю дастурхонаш пурбаракат бошад,- мегӯяд мавсуф.

Чанд сол қабл вай ба ноҳияи Ҷиргатол рафта, бо таҷрибаи кори картошкапарварони он ҷо шинос шуд. Аз он ҷо 10 кг тухмии навъи «Кардинал» оварда, ба замини иҷоравиаш шинонид. Дар натиҷа ҳосилнокии замин нисбат ба солҳои пештар 2-3 баробар зиёд шуд. Аз ин тухмӣ дигар ҳамдеҳаҳояш низ баҳра бардоштанд ва ба натиҷаи дилхоҳ муяссар гардиданд. Баъд аз ин тухмии «Кардинал» бо номи тухмии «Наҷмиддин» дар деҳа машҳур гардид. Имрӯз зиёда аз нисфи аҳолии деҳа аз ҳамин навъи тухмӣ истифода мебаранд. Худи Наҷмиддин Кечиев соли равон аз 50 садяк замин 18 тонна ҳосил ба даст овард.

Дар ин деҳа чунин омӯзгороне мисли Наҷмиддин Кечиев ҳам дар соҳаи таълиму тарбия ва ҳам дар соҳаи кишоварзӣ комёб шудаанд, хеле зиёданд. Хайрулло Муъминов, ки нисфи умри хешро сарфи таълиму тарбия кардааст, наздик ба якуним даҳсола аст, ки ба кишоварзӣ низ машғул мебошад. Ӯ дар ихтиёраш 50 садяк замин дорад ва аз ин ҳисоб дар 35 садякаш картошка мекорад. Ӯ имсол нуҳ тонна картошка ба даст овард ва се тонна тухмии хушсифатро ба деҳқонони вилояти Хатлон фурӯхта даромади хуб ба даст овардааст.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

## Маҳсули дастони донишҷӯён пешниҳод шуданд

Чанде пеш дар Муассисаи давлатии «Душанбе- Плаза» бахшида ба Рӯзи энергетика театри мӯди «Тобон»-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон намоиши муаррифии дастовардҳои навин ва таърихии соҳаи мӯдро, ки маҳсули дастони донишҷӯёни факултети технология ва дизайни донишгоҳи номбурда буд, баргузор намуд.

Дар чорабинии мазкур ҳунарпешаи овозадор Нигина Амонқулова хотири тамошобинон ва иштирокчиёни намоишгоҳро бо сурудҳои дилнишин шод намуд. Сарпарастони чорабинӣ ҳафтанома ва радиои «Азия- плюс» буданд.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»***

● Мусоҳиба дар мавзуи муҳим

# МО ВА МУҲИТИ ЗИСТ

## Суҳбат бо раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Салимов

**-Таъсири тағйирёбии иқлим имрӯз дар ҷаҳон боиси нигаронии олимону мутахассисон, сиёсатмадорону ҷомеашиносон ва умуман аҳли сайёра гаштааст. Шумо, ҳамчун муҳаққиқ ва мутахассиси соҳаи ҳифзи табиат, омилҳои тағйирёбии иқлимро дар чӣ мебинед? Дар ин замина, барои паст кардани таъсири тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон чӣ тадбирҳо андешида мешавад?**

-Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои осебпазир оид ба тағйирёбии иқлим дар минтақаи Осиёи Марказӣ буда, дорои потенсиали пасти мутобиқшавӣ ба иқлим мебошад. Ин ба боришот дар соҳаи кишоварзӣ, коҳиши баланди муҳити зист, шусташавии замин ва камшавии масоҳати ҷангалзор вобаста аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мазкур як қатор чорабиниҳоро ба нақша гирифта, амалӣ менамояд. Тоҷикистон соли 1988 ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ҳамроҳ шуд. Гузориши якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйирёбии иқлим барои солҳои 2001-2003 таҳия ва моҳи октябри соли 2002 ба Котиботи Конвенсияи сессияи 8-уми Конференсияи Ҷонибҳои Конвенсияи СММ (22 октябр - 1 ноябри соли 2002 дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон) пешниҳод шуд.

Гузориши якум имкон дод, ки ба ҷонибдорони Конвенсия маълумот оид ба партови газҳои парникӣ, сатҳи осебпазирии захираҳои табиӣ, иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва саломатии аҳолӣ ба тағйирёбии иқлим, чорабиниҳои ба нақшагирифташаванда ҷиҳати паст намудани таъсири тағйирёбии иқлим пешниҳод гардад.

Соли 2003 Нақшаи миллӣ оид ба паст намудани таъсири тағйирёбии иқлим таҳия шуд, ки ҳуҷҷати асосӣ оид ба амалишавии Конвенсия дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Нақшаи миллӣ афзалиятҳо ва самтҳои асосиро дар бораи паст кардани таъсири тағйирёбии иқлим, талабот ба рушди потенсиалӣ барои омӯзиш ва рушди маълумот дар системаи иқлимшиносӣ ва самтҳои ҳамкории байналмилалӣ муайян намудааст.

Протоколи Киото 21 октябри соли 2008 ратификатсия шудааст ва Тоҷикистон дар доираи Протоколи мазкур дар Рушди Механизми Тоза иштирок менамояд.

Дар давраи солҳои 2006-2008 Тоҷикистон Гузориши Дуюми Миллиро оид ба тағйирёбии иқлим таҳия намуд.

Соли 2011 омодагӣ барои таҳияи Гузориши Сеюми Миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим оғоз гардид.

Ҳуҷҷатҳои таҳияшуда нишон медиҳанд, ки дар зарфи 60 соли охир ҳарорати миёнаи гармии ҳаво дар водиҳо то $1^0$С баланд ва шумораи рӯзҳои боришот зиёд шудааст. Таҳлили тағйирёбии миқдори боришоти солона нишон медиҳад, ки на чандон зиёд шудани боришот (ба ҳисоби миёна 8 фоиз) дар ҳудуди минтақаҳои то 2500 м ва камшавии боришот (3 фоиз) дар минтақаҳои баландкӯҳ мушоҳида мешавад.

Бинобар зиёд шудани ҳолатҳои аномалии ҳаво дар Тоҷикистон шумораи офатҳои табиӣ меафзояд. Обхезӣ ва сел бештар дар фасли баҳор мушоҳида мешавад. Ҳамаи ин тағйирот ба сатҳи зиндагӣ, рушди устувор ва бехатарии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои гуногунро, ки ба тағйирёбии иқлим осебпазир мебошанд, муайян намудааст:

- экосистемҳо;
- захираҳои ҷангал;
- захираҳои заминӣ;
- хоҷагии об;
- соҳаи кишоварзӣ;
- энергетика.

Соли 2009 Тоҷикистон барои иштирок дар Барномаи пилотӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим таклиф пешниҳод намуд.

Давраи якуми Барномаи пилотӣ соли 2010 тасдиқ шудааст, ки самтҳои зеринро дар бар мегирад:

-баланд бардоштани сатҳи потенсиалӣ оид ба устуворӣ ва мутобиқшавӣ;

-модернизатсияи соҳаи гидрометеорологӣ, иқлимшиносӣ ва гидрологӣ;

-барномаи моделкунонӣ ва иқлимшиносӣ;

-баланд бардоштани сатҳи устуворӣ дар бахши энергетикӣ;

-баланд бардоштани сатҳи устуворӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи дарёи Панҷ.

Аз соли 2007 инҷониб «Барнома оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар сатҳи ҷомеа» амалӣ шуда истодааст ва аз ҷониби Фонди Глобалии Экологӣ, тавассути грантҳои хурд, маблағгузорӣ мегардад.

Кӯшишҳои кормандони Кумита имконият фароҳам овард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Федералии Олмон барои иҷрои ду лоиҳаи грантӣ барои рушди соҳаи ҷангал 10,8 миллион евро маблағ ҷудо намояд. Қарор оид ба ин масъала дар ҷаласаи Гуфтушунидҳои байниҳукуматии миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Федералии Олмон, ки рӯзҳои 28-29 ноябри соли 2012 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, қабул шуд ва ҳоло таҳияи лоиҳа шурӯъ гардидааст.

Кормандони сохторҳои Кумита ба он ноил шуданд, ки барои Тоҷикистон, ҳамчун кишвари пилотӣ, аз Фонди мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим иловатан боз 10 миллион доллари ИМА ҷудо карда шавад. Акнун маблағҳои аз Фонди мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ҷудошуда 60 миллион долларро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалигардонии лоиҳаи «Идоракунии устувории экологии истифодаи замин ва пешбурди кишоварзӣ» бо маблағгузории 16 миллион доллари ИМА аз Фонди мутобиқшавии иқлим ба зиммаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист гузошта шудааст. Ҳоло таҳияи лоиҳа ба итмом расидааст.

**-Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ оид ба ҳифзи табиат, муҳофизати сарватҳои табиии кишвар ва умуман масъалаҳои экологӣ, қонун ва барномаҳои зиёд таҳия ва қабул гардиданд. Шумо низ ҳангоми вакили мардумӣ будан дар таҳияи бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бевосита саҳм гузоштаед. Имрӯз, ки сардори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастед, хоҳишмандем бигӯед, ки ҷараёни татбиқи қонун ва барномаҳои марбути соҳа дар кадом ҳолат қарор доранд?**

- Соли 2011 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш кодексу қонунҳои нави соҳавӣ қабул гардиданд, ки чунин санадҳо ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои вазифаҳои ба дӯши Кумита гузошташуда, саривақтӣ ва зарур буданд. Санадҳои мазкур, ба монанди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи мониторинги экологӣ», «Дар бораи маърифати экологӣ», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва «Дар бораи аудити экологӣ», Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар ҳаёт татбиқ мешаванд.

Илова бар ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» дар бораи ҳавои атмосфера дар таҳрири нав қабул гардида, ҳамчунин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шикор ва хоҷагиҳои шикорӣ» дар муҳокимаи парламенти кишвар қарор дорад. Имрӯз дар Кумита таъмини иҷрои чорабиниҳо оид ба барномаҳои давлатии соҳавӣ, ба монанди «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019», «Барномаи барқарорсозии стансияҳои обуҳавосанҷӣ ва дидбонгоҳҳои обченкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016», «Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи асалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи барқарорсозӣ ва таъмини корҳои зидди жолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2012», «Барномаи рушди ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015», «Барномаи давлатӣ оид ба парвариш, ҷамъоварӣ ва тайёр намудани доруворӣ аз онҳо барои солҳои 2005-2014», «Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва ғайра амалӣ шуда истодаанд.

Оид ба иҷрои барномаҳои давлатӣ бошад, моҳи ноябри соли ҷорӣ ду Муҳокимаи ошкорои парламентии Маҷлиси намояндагон баргузор гардид.

Иҷрои барномаҳои экологӣ зери назорати доимӣ буда, бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамкории судманд роҳандозӣ шудааст.

**- Тоҷикистон кишвари дорои сарватҳои нодир мебошад. Бахусус захираҳои обии мо зиёд аст ва дар натиҷаи самаранок истифода бурдани ин неъмати Худодод пешрафту тараққиёти мамлакат беҳтару хубтар мегардад. Тавре Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз суханрониҳояшон таъкид карданд: «Қимати об аз қимати нафт, газ, ангишт ва дигар намуди сӯзишворӣ ва манбаъҳои энергетикӣ кам нест». Оё мо ин муъҷизаи бебаҳоро мувофиқи мақсад истифода мебарем?**

-Захираҳои обии ҷоришавандаи Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона 64 млрд. $м^3$-ро ташкил медиҳад, ки он 55,4 фоизи обҳои Осиёи Марказиро дар бар мегирад. Тибқи маълумот, Тоҷикистон, аз оби дар ҳудуди худ ташаккулёбанда тахминан 20 фоиз ва аз 115,6 млрд. $м^3$ оби дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ташаккулёбанда танҳо 13,6 млрд.$м^3$ ё 11,8 фоизашро истифода мебараду халос. Боқӣ тақсимоти захираҳои оби Осиёи Марказӣ ба Қирғизистон 5,0 млрд. $м^3$ (4,3 фоиз), Туркманистон 24,5 млрд. $м^3$ ( 21,2 фоиз), Ӯзбекистон 59,5 млрд. $м^3$ (51,5 фоиз), Қазоқистон 11,0 млрд. $м^3$ (9,5 фоиз) ва Афғонистон 2,0 млрд. $м^3$ (1,7 фоиз) рост меояд.

Гарчанде 55,4 фоизи захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал аз Тоҷикистон сарчашма гирад ҳам, танҳо 10 фоизи он дар ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор мегирад. Тавре аз рақамҳои дар боло овардашуда бармеояд, Ӯзбекистон ва Туркманистон (72,7 фоиз) истифодабарандагони асосии захираҳои обии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд. Кумита ҳамчун мақомоти ваколатдори назорати давлатӣ дар самти истифода ва ҳифзи захираҳои об, тибқи қонунгузориҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ва сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар, ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки захираҳои обӣ аз ифлосиву олудашавӣ пешгирӣ гардида, самаранок истифода карда шавад.

Дар 11 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи нозирони Кумита 3285 санҷиш гузаронида, ба вайронкунандагони Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 240878 сомонӣ ҷарима баста шуд. Дар ин давра барои худсарона истифода бурдани захираҳои об ба маблағи 19931358 сомонӣ зарар ҳисоб карда шудааст.

Соли 2012 аз тарафи Кумита меъёри истифодаи об аз манбаъҳои табиӣ барои Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати обёрии заминҳои кишоварзӣ тасдиқ шуд, ки ҳаҷми он 10705 млн. $м^3$-ро ташкил медиҳад.

**-Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол дар сиёсати хориҷии хеш муносиботи дӯстона ва ҳамкориҳои самарабахшро мақсаду мароми худ қарор додааст ва дар ин самт пешрафтҳои назаррас ба чашм мерасад. Аммо бо ҳамсоякишвари мо -Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба масоили экологӣ баҳсу мунозираю нофаҳмиҳо ба миён омадааст. Ҳамсоякишвари мо аз бунёди НБО «Роғун» ва ҳамзамон аз он ки гӯйё КВД «Ширкати Алюминийи**



**Тоҷик» вазъи муҳити экологии онҳоро вайрон мекарда бошад, мунтазам изҳори нороҳатӣ ва норозигӣ мекунанд... Назари шумо дар ин масъала чӣ гуна аст?**

- Вақтҳои охир оид ба масъалаи таъсири манфии экологии КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ба ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Ӯзбекистон баромадҳо ва эътирозҳо кам набуданд. Бо вуҷуди он ки ин эътирозҳо ягон далели асоснок надоранд, лекин дар фикру нигоҳҳои сиёсии аксар аҳолӣ таъсири номатлуб мерасонанд.

Нисбати безарар будани таъсири партовҳои моддаҳои заҳрноки КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар ҳудуди меъёрҳои муқарраргардида, дар се маврид, яъне ҳам дар дохили корхона, ҳам дар хати муҳофизатии он ва ҳам дар марзи маъмурии ҷумҳурии ба мо ҳамсоя далелҳо пешниҳод гаштанд. Таҳлилҳо тасдиқ мекунанд, ки партовҳои корхона дар ҳудуди меъёрҳо қарор дошта, ба инсон, олами ҳайвонот ва наботот таъсири манфӣ намерасонанд.

Натиҷаҳои ташхисҳои дар моҳҳои сентябр, октябри соли ҷорӣ пешниҳоднамудаи Маркази назорати таҳлилии Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии санитарӣ-саноатии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лабораторияи соҳавии КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» нишон доданд, ки партовҳои заҳрнок дар дохили корхонаи мазкур аз меъёрҳои муқарраркардашуда хеле кам қарор доранд. Дар хати санитарӣ-муҳофизатии КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бошад, консентратсияи партовҳо аз меъёри тасдиқшуда 5-10 маротиба кам мебошанд. Дар даҳ мавзеъҳои гирду атрофи КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» низ консентратсияи фториди гидроген аз меъёрҳо 8-10 маротиба кам аст. Яъне, таъсири манфии партовҳои корхона дар ҳудуди сарҳади Тоҷикистону Ӯзбекистон дида намешавад.

Баръакс, ташхисҳои аналитикию мониторингии Маркази назорати таҳлилии Кумита дар вилояти Суғд дар сарҳади Ӯзбекистон (Бекобод ва Алмалик) собит сохтанд, ки таъсири манфии корхонаҳои саноатии Ӯзбекистон дар минтақаҳои наздисарҳадии ноҳияҳои Спитамен, Зафаробод ва мавзеи Фармонқурғони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷой дорад, аз ҷумла консентратсияи оксиди сулфур ($SO_2$) ва чангу ғубор аз меъёрҳои муқаррарӣ 1,5-2 маротиба зиёд аст.

Дар шаҳрҳои Бекобод ва Алмалики Ҷумҳурии Ӯзбекистон ду заводи металлургӣ, заводи сементбарорӣ ва стансияи гармидиҳии аловӣ (ТЭЦ) ва якчанд корхонаҳои саноатӣ мавҷуданд, ки бо ангишт ва маҳсулоти нафтӣ кор мекунанд. Таъсири манфии партовҳои хориҷшавандаи онҳо ба муҳити назди сарҳад калон мебошад.

**-Зимистони сарду тӯлонии соли гузашта боиси ташвишу нороҳатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардида буд. Ҳоло боз фасли сармо фаро расидааст. Дар ҷараёни омодагӣ ба зимистони навбатӣ Кумита чӣ тадбирҳо андешид?**

- Кумита Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 30 апрели соли 2012 таҳти №180 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013» мавриди иҷро қарор додааст.

Тибқи иҷрои банди 1 ва 2-и Нақша -чорабиниҳо дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013, бо фармони раиси Кумита аз 10 майи соли 2012 таҳти № 43 ситод созмон дода, ба ҳайати он роҳбарони муассисаҳои давлатӣ ва марказу шуъбаҳои дахлдор шомил карда шуданд.

Ҷиҳати тайёрӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 дар асоси Нақша- чорабиниҳои тасдиқшуда аз тарафи сохторҳои зертобеи Кумита то моҳи ноябри соли ҷорӣ кори муайян иҷро карда шуд. Аз ҷумла дар Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор оид ба сари вақт омода намудани соҳа ба давраи тирамоҳу зимистон то имрӯз дар масоҳати 179 гектар кишти тирамоҳии маҳсулоти ғалладонагӣ гузаронида шуд. Барои таъмини соҳаҳои ёрирасони хоҷагии ҷангал ( чорводорӣ ва занбӯриасалпарварӣ) барои захираи хӯрокаи зимистонаи чорво 3813 тонна хошоки дурушт ва 75 тонна хӯрокаи омехта тайёр карда шудааст. Барои зимистонгузаронии оилаҳои занбӯриасал айни замон 3,5 тонна шакар захира карда шудааст. Аз ҳисоби солимгардонии ҷангалҳо бо усули буриши санитарии ҷангалҳо дар ҳаҷми 9077 $м^3$ ҳезум барои таъмини қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳо, мактабҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо тайёр карда шуд. Ҳуҷраҳои кории кормандони дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои зертобеи муассиса бо асбобҳои гармидиҳандаи каммасраф таъмин гардиданд.

Барои таъмини олами ҳайвонот бо хӯрока дар фасли зимистон, то имрӯз дар ҳаҷми 6,2 тонна резии ғалладона, 38 тонна хошок омода карда шуд ва корҳо дар ин самт давом доранд.

Дар Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда барои аз зимистон беталаф баровардани олами ҳайвоноти ваҳшӣ зиёда аз 16,5 тонна зироати ғалладонагӣ, 1 тонна намак, 126,6 тонна алафҳои табиӣ ҷамъоварӣ ва 18,5 тонна ғизои минералӣ харидорӣ ва дар ҷойҳои барои ҳайвонҳо дастрасшаванда ҷойгир карда, 284 дона охурчаи ғизодиҳӣ тайёр карда шудааст.

Муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ хатҳои барқии бинои маъмурӣ, воситаҳои нақлиёт, алоқа ва таҷҳизоти техникиро аз таъмир баровaрда, ҳавзи зиддисӯхтор ва шабакаҳои обгузарониро тоза ва барои истифода омода гардонид.

Омодасозӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон дар стансия ва дидбонгоҳҳои обченкунии муассиса, ки дар баландкӯҳҳо ҷойгиранд, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа буда, барои ҳалли он кор бурда мешавад. Дар тобеияти муассиса 57 стансия ва 96 дидбонгоҳи обченкунӣ мавҷуд буда, дар онҳо 447 нафар адои вазифа доранд.

**-Яке аз самтҳои кори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандони кишвар мебошад. Дар ин робита ва умуман беҳдошти муҳити зист, кадом чораву тадбирҳо амалӣ мешаванд?**

- Яке аз падидаҳои хубе, ки ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ созгор аст, ин ташкил шудани ассотсиатсияҳои дӯстдорони табиат ва марказҳои экологӣ мебошад. Соли 2008 дар назди Кумита маркази ахбори экологӣ ташкил шуда, то имрӯз дар самти маърифати экологӣ ҳамаҷониба кор мебарад.

Кумита бо ташкил гардидани маркази ахбори экологӣ дар муддати на чандон зиёд ба муваффақияти шоён ноил гардид. Дар ин росто бояд ҳаминро зикр намуд, ки тадриҷан аз вилоятҳо, ноҳияҳои тобеи марказ ва шаҳри Душанбе маълумотҳо сари вақт гирд оварда, махзани маълумот оид ба вазъи муҳити зист такмил дода мешавад. Инчунин чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи тарбия ва маърифати экологӣ дар ҷомеа, ташкили намоишҳои телевизионӣ ва барномаҳои радиоӣ, нашри мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо, таъмини баромадҳои кормандону мутахассисони Кумита дар радио ва телевизиони ҷумҳурӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа, ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ бо иштироки васеи хабарнигорони воситаҳои ахбори омма амалӣ мегарданд.

Веб-сайти Кумита (www.hifzitabiat.tj) ҳаррӯза бо иттилооти наву зарурӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, Кумита дорои нашриёҳои соҳавии худ буда, «Наврӯзгоҳ» моҳе як маротиба ва маҷаллаи «Ҳифзи табиат» дар се моҳ як бор бо маводи ҷолибу хонданӣ рӯйи чоп меоянд, ки ин ҳам барои баланд гардидани савияи дониш ва маърифати экологии ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои экологии хабарнигорон дар назди Кумита аз моҳи майи соли 2011 маҳфили хабарнигорони экологӣ ташкил гардида буд, ки беш аз 20 нафар хабарнигоронро фаро мегирад. Аз он замон то имрӯз аз ҷониби мутахассисони варзидаи Кумита барои хабарнигорон 13 дарси назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст.

Ҳамзамон Кумита дар бахши «Табиати тоза-кафолати солимии ҷомеа» озмун эълон намуд. Ин чорабиниҳои муфид дар арафаи ҷашнҳои бузурги миллии 21-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 20-умин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, ғолибон бо Шаҳодатномаи Кумита, инчунин бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд.

Ҳамин гуна озмунҳо барои баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологии хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ низ гузаронида шуд.

Дар оянда ният дорем, ки ҳамкориро бо воситаҳои ахбори омма боз ҳам зичтар ба роҳ монда, ба ин васила дар баланд гардидани маърифатнокии экологии аҳолӣ саҳмгузор бошем. Мо барои амалӣ гардидани сиёсати экологии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳоро меандешем.

***Ҷ.НАБОТОВ, Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

● Зикри хайр

# ҲУСНИ МАЪНӢ НАГУЗОРАД, КИ ТУ АЗ ЁД РАВӢ

Ҳафтуми декабри соли ҷорӣ қалби пок ва аз неруву муҳаббат саршори яке аз шоҳсутунҳои илми тиббии ватанӣ, олими забардаст ва устоди устодон, Лауреати мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб, профессор Усмонов Неъматулло Усмонович аз тапидан монд.

Вале барои шахсиятҳое чун Неъматулло Усмонов марг ҳаргиз анҷоми зиндагӣ нест. Ҳамон тавре ки шоир фармуда:

***Ончунон зӣ, ки чу аз ҳодиса***
***барбод равӣ,***
***Ҳусни маънӣ нагузорад, ки ту***
***аз ёд равӣ.***

Неъматулло Усмонов 6-уми январи соли 1929 дар шаҳри Самарқанд чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Баъди бомуваффақият хатм кардани Институти тиббии Самарқанд ба номи И.П. Павлов соли 1950 дар ҳамин муассиса фаъолияти табибии худро ҳамчун ординатори клиникии ҷарроҳии умумӣ оғоз кардааст. Аз соли 1953 мавсуф қисмати худро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста, дар шаҳри Душанбе ба сифати мудири шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи клиникии шаҳрии №1 ба фаъолият шурӯъ намуд.

Солҳои 1954-1957 Н. Усмонов дар аспирантура таҳсил намуда, таҳти роҳбарии профессор З. П. Хоҷаев соли 1960 бомуваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ кард.

Ин марди наҷиб соли 1969 дар мавзӯи «Тағйироти клиникиву морфологии ҷигар ҳангоми фишорбаландии порталӣ то ва пас аз анастомозҳои рагҳо ва узвҳо» рисолаи докториашро ҳимоя кард, ки мушовири илмиаш яке аз машҳуртарин ҷарроҳони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Лауреати мукофоти ленинӣ, академики АИТ ИҶШС, профессор Ф.Г.Углов буд. Баъди хатми докторантура мавсуф соли 1969 аз Ленинград ба Тоҷикистон баргашта, ҳамчун профессор ва баъдан мудири кафедраи №2 бемориҳои ҷарроҳии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино фаъолияти касбиашро идома дода, то соли 2010 ин вазифаи пурмасъулияти ба уҳдааш гузоштаро сарбаландона иҷро кард. Аз соли 2010 то охирин лаҳзаҳои зиндагӣ профессори ҳамин кафедра буд.

Бо кӯшишу заҳмати пайваста ва беандозаи устод бахшҳои мураккабтарин ва муҳимтарини ҷарроҳӣ, ба монанди ҷарроҳии умумӣ, ҷарроҳии дилу рагҳои хунгузар, ҷарроҳии қафаси сина, микроҷарроҳӣ, ҷарроҳии реконструктивӣ ва пластикӣ, ҷарроҳии эндоскопӣ, ҷарроҳии рентгеноэндоваскулярӣ дар мамлакат такмил ёфт.

Яке аз хизматҳои арзишманди Н.У. .Усмонов ин тадқиқоти клиникиву экспериментали оид ба ҷарроҳии фишорбаландии порталӣ аст. Устод дар дунё яке аз аввалинҳост, ки ҳангоми сиррози ҷигар беасос будани ҷарроҳии паллиативиро исбот кардааст.

Кашфиёти дигари академик Н.У.Усмонов ин усули пешниҳодкардааш - эзофагокардиопластикаи омехта ҳангоми ахалазияи сурхрӯда (кардиоспазм) маҳсуб меёбад, ки бандҳои асосии патогенетикии ин бемории вазнинро дар бар мегирад. Ин усул ёрӣ расонид, ки натиҷаҳои олии табобати ҷарроҳӣ ба даст оянд ва имрӯз он эзофагокардиопластикаи омехта усули самаранок ва стандартии ҷарроҳӣ ба ҳисоб меравад.

Агар ба зиндагинома ва фаъолияти касбии устод назар афканем, мебинем, ки аз овони ҷавонӣ дар вуҷудаш хислатҳои наҷиби инсонӣ ва дӯстдории касби худ зуҳур ёфта буд, зеро Неъматулло Усмонов аз шахсиятҳои бузурге чун устод Садриддин Айниву Бобоҷон Ғафуров дуо гирифтаву аз суҳбатҳои эшон маъниҳо чидааст, ходимони давлатӣ, мисли Абдулаҳад Қаҳҳоров дар ботинаш ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватанпарвариро дарк кардаву баҳри камол ёфтан дастгириаш кардаанд, устодони ғамхору сахтгир, аз қабили З. Х. Икромов ва З. П. Хоҷаев Усмонови ҷавон ва ташнаи илму донишро роҳнамоӣ ва ба фатҳи қуллаҳои баланди илми тиб раҳнамун сохтаанд, робитаҳои илмиву касбӣ бо шахсиятҳои маъруфи замон – нобиғаҳои олами тиб, мисли академик Ф.Г.Углов, профессорон В.В. Гришенко, В.Н. Зубковский, В.А. Караторва, Ф.А. Мурсалова, В.И. Скрашнов ӯро ҳамчун як мутахассиси сатҳи ҷаҳонӣ ба камол расонидаанд.

Соли 1975 таҳти сарварии номбурда Маркази ҷарроҳии рагҳои хунгузар ташкил шуд. Яке аз хислатҳои наҷиби устоди мо он буд, ки мутахассисонро хеле дақиқназирона ва оқилона интихобу омода месохтанд.

Дар фаъолияти табобатии устод ба масоили табобати осебҳои рагҳои хунгузар дар замони осоиштагӣ ва ҷанг таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, маҳз дар ин замина усулҳо ва тарзи ташкил кардани ёрии тиббӣ ба беморон дар шароити ҷанги маҳдуди шаҳрвандӣ рӯйи кор омад. Номбурда хусусиятҳои осебҳои мураккабтарини яроқи оташфишон, осебҳои маҳдуд, осебҳои омехтаи устухону рагҳои хунгузарро хеле дақиқкорона тадқиқ карда, ҷанбаҳои тарзи ҷарроҳии осебҳои мураккаби рагҳо, махсусан осебҳои маҳдуди варидҳоро таври эътимодбахш асоснок намуд.

Ба осори пурарзиши устод монографияҳои «Ташхис ва табобати бемориҳои варидҳои андомҳои поёнӣ» (1982), «Ҷарроҳии осебҳои рагҳо ва оқибатҳои онҳо» (1991), «Ташхис ва табобати ҷарроҳии осебҳои омехтаи масдудкунандаи аортаи батн ва шарёнҳои брахиосефалӣ» (1993), «Ишемияи музмини андомҳои болоӣ» (1999) – ро метавон дохил кард. Тамоми дастовардҳои илмие, ки маҳсули эҷоди ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷиканд, дастовардҳои пурқимати тибби кишвар гашта, аксари онҳо аҳамияти ҷаҳонӣ касб кардаанд.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки соли 1988 бори аввал дар ҷумҳуриамон Неъматулло Усмонов бо истифода аз хунгардиши сунъӣ ҳангоми нуқсони миёндевораи байнипешдилӣ дар дил ҷарроҳӣ гузаронид. Минбаъд ҷарроҳиҳои протезкунии клапанҳои дили беморони дорои нуқсонҳои ревматикӣ такмил ёфта, ҷарроҳиҳои мураккаби реконструктивии нуқсонҳои тетрадаи Фалло бомуваффақият дар амал татбиқ шуданд.

Яке аз хизматҳои дигари арзишманди устод ин ташкил кардани хадамоти ҷарроҳии рентгеноэндоваскулярӣ аст. Айни замон дар клиника усулҳои муосири ташхису табобатӣ бо роҳи рентгеноэндоваскулярӣ дар сатҳи баланд ва бо муваффақият ба роҳ монда шудаанд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки тавассути дастгирии академик Н.У.Усмонов хизматрасонии микроҷарроҳӣ ташкил ва мавриди истифода қарор гирифт, ки дар муддати кӯтоҳ натиҷаҳои назаррас ба даст омад. Ҷарроҳиҳои мураккабтарине, ки имрӯз дар қабзаҳои рагу асабҳои андомҳои поёниву болоӣ гузаронида мешаванд, дастоварди ҷадид ва пураҳамият маҳсуб меёбанд.



Неъматулло Усмонов дар соҳаи ҷарроҳии эндокринӣ низ саҳми беандоза дорад. Таҳти сарварии ӯ бори аввал дар ҷумҳурӣ ҷарроҳии ғадудҳои ҷоғар, ғадуди сипаршакл, ғадуди болои гурда бомуваффақият гузаронида шуданд.

Аз соли 1988 то соли 1994 устод сарварии Ҷамъияти ҷарроҳони Тоҷикистонро ба уҳда дошт, инчунин узви Ассотсиатсияи аврупоии ҷарроҳони дилу рагҳои хунгузар ва қафаси сина (Британияи Кабир) ва узви Институти библиографии Амрико маҳсуб меёфт.

Ин марди наҷиб ба тарбияи кадрҳо низ таваҷҷуҳи хоса дошта, дар ин самт низ заҳмати зиёд кашид. Аз соли 1994 то соли 1997 раиси Шӯрои диссертатсионии ҷарроҳӣ буд. Таҳти роҳбарии Н.Усмонов 35 рисола, аз ҷумла 6 рисолаи докторӣ, дифоъ карда шуд.

Маҳсули эҷодии олими пурмаҳсул аз 9 монография, 14 коркарди методӣ, зиёда аз 500 мақолаҳои илмӣ, 80 пешниҳоди ратсионализаторӣ, ихтироъҳо ва шаҳодатномаҳои муаллифӣ иборат аст.

Хизматҳои Н. Усмонов дар соҳаи рушду нумуи ҷарроҳӣ ва умуман тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон беназир аст ва мисолҳои оварда «муште аз хирвор» аст.

Исми шарифи устод, бешак, дар радифи номи фарзандони баруманди миллат, дар фазои беғубори кишвар, миёни ахтарони абадан ҷилодори он сабт хоҳад шуд. Мактаби намунавӣ ва бисёрсоҳае, ки устод бунёд кардааст, имрӯз метавонад дар тамоми самтҳои соҳаи тандурустӣ ёрии тахассусноки сатҳи олиро пешкаш намояд ва корҳои бузурги илмиву тадқиқотиро анҷом диҳад. Имрӯз шогирдони устод низ ба мартабаҳои баланди илмиву касбӣ –узви вобастаи АИ ҶТ, профессор, доктороии илм, вазифаҳои масъулиятноки давлатӣ ноил гардида, таҳти таъсири нурҳои зиндагиофари хиради устод мактабҳои илмию таълимии худро низ таъсис додаанд.

Хизматҳои устод дар соҳаи тиб аз ҷониби роҳбарияти мамлакат таври арзанда, аз ҷумла бо унвону ҷоизаҳои гуногун – Ходими хизматнишондодаи илм ва техникаи ҶШС Тоҷикистон (соли 1979), Лауреати мукофоти давлатӣ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илму техника (соли 2003), Ифтихорномаи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (соли 1989), Аълочии тандурустии ҶШС Тоҷикистон (соли 1975), Ифтихорномаи Вазорати маорифи ҶШС Тоҷикистон (соли 2009) қадрдонӣ карда шудааст.

Ҷойи шубҳа нест, ки заҳматҳо ва талошҳои академик Н. Усмонов баҳри рушду нумуи тандурустӣ ва такмилу ба сатҳи ҷаҳонӣ расонидани тибби ватанӣ, ташкил кардани марказҳои нави илмиву табобатӣ, тарбияи мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар амалҳои накуву наҷибашро аҳли ҷомеа минбаъд низ эътироф ва арҷгузорӣ хоҳанд намуд. Маҳз ҳамин хизматҳои устод боис гаштанд, ки соли 2009 ӯро Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ордени «Шараф» дараҷаи II сарфароз гардонид.

Номи устод ҷовидонӣ ифтихори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва дар қалбҳои мардуми тоҷик ҳамчун ситораи дурахшони илми тиб ва инсони наҷиб боқӣ мемонад.

***Убайдулло ҚУРБОНОВ,***
***узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, профессор***

# УСТОДИ АЛОҚА

Гӯё дирӯзакак буд, ки Қиматшоҳи ҷавон фаъолияти кориашро ҳамчун корманди алоқаи почтаи зодгоҳаш оғоз намуд. Дар бинои почта барояш ҳама чиз - бӯйи сурғучи мухри равонакҳо, шireши мактубу бастаҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳои ба тозагӣ интишоршуда нав буд. Вале, беш аз ҳама диққаташро дастгоҳи алоқаи телефонӣ ва телеграф ба худ ҷалб мекард. Чӣ асроре доранд ин асбобҳо, ки тавассути як сим масофаро кӯтоҳ карда, хешу табор ва пайвандонро ҳамсуҳбат мегардонанд? Чун ҷавони кунҷков буд, пурсуҷӯ мекард, ҳар чӣ бештар меомӯхт. Майлу рағбаташро ба соҳа эҳсос карда, пас аз хатми мактаб барои таҳсил ӯро ба шаҳри Душанбе фиристониданд...



Қиматшоҳ Мирзоширинов тӯли 45 соли фаъолият дар соҳаи алоқа тамоми зинаҳои кориро тай намуд. Акнун вай яке аз мутахассисони варзидатарини соҳаи алоқаи Тоҷикистон ба шумор меравад. Ӯ ҳеҷ вақт, ҳатто дар мушкилтарин лаҳзаҳо низ касбашро иваз накардааст.

-Вақте, ки маро сардори шуъбаи алоқаи ноҳияи Шуғнон таъин намуданд, хизматрасонии алоқаи почта дар ҳудуди ноҳия он қадар дилхоҳ набуд. Шахсан кӯшиши зиёд ба харҷ дода, участкаи истеҳсолии алоқаи телефониро бо хизмати почта якҷоя кардам. Дар натиҷа, ҳам хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтар гардиду ҳам роҳи хароҷоти зиёд гирифта шуд,- мегуяд ӯ ва илова мекунад:

-Он солҳо дар ноҳияҳои Шуғнон ва Рошткалъа радиои маҳаллӣ мавҷуд набуд. Заҳматҳо кашидем, то радиошунавонии маҳаллиро дар ин ҷо ба кор даровардем. Почта низ бинои дуруст надошт. Аз ин хотир баробари ҷудо кардани қитъаи замин барои маъмурият ва хоҷагидорӣ дар ноҳия ду бинои нав сохтем. Азбаски он солҳо талабот ба хизматрасонии почта, гуфтугӯйи телефонӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо афзун буд, зарур шуморидем, ки дар ҳудуди ноҳия боз ду шуъбаи нави алоқа таъсис диҳем.

Ҳамин тавр, хизматрасониҳои соҳаи алоқа ва почта, бахусус алоқаи мунтазами телефонӣ, сари вақт дастрас намудани мактубу телеграммаҳо, равонакҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳо бемамониат ба роҳ монда шуд…

Чун роҳбарияти Идораи алоқаи вилоят аз кори сардори шуъбаи алоқаи ноҳияи Шуғнон Қиматшоҳ Мирзоширинов хеле қаноатманд буданд, соли 1989 ӯро сардори шуъбаи алоқаи почтаи шаҳри Хоруғ таъин намуданд. Масъулияти роҳбари ҷавон бештар гардид. Он айём гуфтугӯйи телефонӣ, додугирифт ва дигар воситаҳои хизматрасонӣ бо тамоми 15 ҷумҳурии собиқ Шӯравӣ ва хориҷи он ба роҳ монда шуда буд. Бар замми ин, ноҳияҳои Шуғнон ва Рошткалъа, инчунин автобазаи алоқаи вилоят низ дар ихтиёру тобеи шуъбаи алоқаи почтаи шаҳри Хоруғ буд. Вале Қиматшоҳ аз мушкилӣ наҳаросида, оҳиста-оҳиста пайи ислоҳи камбудиҳо гардид ва батадриҷ онҳоро бартараф намуд. Роҳбари нав ҳамеша кӯшиш дошт, ки хатти алоқа бо марказ-шаҳри Душанбе ва деҳаву ноҳияҳои вилоят доимо пайваст бошад. Зарур шуд, ки хатҳои пайвасткунандаи байни деҳаҳо, ноҳия ва маркази вилояту ҷумҳуриро таъмир ва зиёдтар намояд, симҷӯбҳои фарсударо иваз кунад.

Дар натиҷа, сокинони деҳаи Барсем соҳиби шабакаи гуфтугӯйи телефонӣ гардиданд. Ҳатто ба деҳаи дурдасти Хичихи ноҳияи Рошткалъа ҳам хати радио ва телефон кашида шуд… Қиматшоҳ Мирзоширинов дар вазифаи сардори шуъбаи алоқаи почтаи шаҳри Хоруғ расо ҳашт сол кор кард.

-Давраи солҳои мушкилтарини кориам ба солҳои вазнини 1993-1994 рост омад. Дар шаҳри Хоруғ гурӯҳҳои ғайриқонунии силоҳбадаст ба касе итоат намекарданд. Борҳо лозим омад, ки бо онҳо дар бархӯрд бошам. Вале ягон мошини идора, асбобу анҷом, ҳатто симҷӯб, ки он солҳо хеле камёфт буд, аз идораамон берун набаромад. Ба мушкилиҳои айём нигоҳ накарда, алоқаи телефонӣ ҳамеша бо шаҳрҳои Душанбе ва Москва баркарор буд.

Ман хеле ифтихорманд ҳастам, ки ҳатто дар солҳои мушкил базаи асосии алоқаи телефону почтаро дар шаҳри Хоруғ, умуман Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳифз намуда, дар хизмати халқ гузоштам. Агарчӣ таҳдид зиёд буду мили автомат борҳо ба сӯям рост шуда буд,- ба ёд меорад, - Қиматшоҳ Мирзоширинов.

